آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

25 марти соли 2023 Шанбе № 24 (14932)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ВАЗИФАҲО ДАР СОҲАИ ХУСУСИГАРДОНӢ МУАЙЯН ШУДАНД

Президент Шавкат Мирзиёев 24 март ҷамъомад баргузор намуд, дар он ҷараёни хусусигардонии моликияти давлатӣ ва нақшаҳо барои соли равон баррасӣ гардиданд.

Хусусигардонӣ иштироки давлатро дар иқтисодиёт коҳиш медиҳад ва барои зиёд шудани миқдори мулкдорони хусусӣ шароит фароҳам меоварад. Бо ин мақсад дар кишвари мо корҳои васеъмиқёс татбиқ мешаванд. Чунончи, агар тӯли даҳ соли охир дар ҳаҷми 1,2 триллион сӯм маблағҳои давлатӣ истифода шуда бошанд, танҳо дар як соли 2022-юм ин нишондиҳанда ба 11,3 триллион сӯм расид. Яъне, тӯли соли охир дар соҳаи мазкур самара нисбати даҳ соли аввал 10 баробар бештар буд.

Самаранокии иншооти хусусигардонидашуда низ меафзояд. Барои мисол, дар пойгоҳи Комбинати озмоишиву таҷрибавии Андиҷон, ки солҳои зиёд беамал буд, корхонаи бофандагӣ бо ҷалби 18 миллион доллар ташкил гардид, ҳазорҳо ҷойи корӣ ба миён омад, дар ҳаҷми 40 миллион доллар маҳсулот ба содирот бароварда шуд. Сармоягузори хориҷӣ Заводи суперфосфати Қӯқандро харид ва ба он 40 миллион доллар сармоя гузошт, ҳаҷми истеҳсолотро 4 баробар зиёд кард. Фурӯши саҳмияи давлатӣ дар «Ипотекабонк» ба маблағи 324 миллион доллар ва ба ширкати «Coca-Cola Uzbekistan» ба маблағи 253 миллион доллар низ қарордодҳои бузургтарини солҳои охир гардиданд.

Вале ҷараёни хусусигардонӣ на дар ҳама минтақаҳо ва соҳаҳо бо суръат пеш меравад. Чунончи, дар вилояти Тошканд 112 иншоот фурӯхта шуд, ки дар пойгоҳи онҳо 150 субъекти соҳибкорӣ ва беш аз ҳазор ҷойҳои нави корӣ ба миён омаданд. Вале дар Қароқалпоқистон, вилоятҳои Қашқадарё, Намангон, Сурхондарё ва Сирдарё аз моликияте, ки соли гузашта барои фурӯш ба намоишгоҳ гузошта шуда буд, ҳатто 30 фоиз ҳам ба фурӯш нарафт. Дар қисмати соҳаҳо хусусигардонии даромадҳои ҷамъияти саҳҳомии «Ӯздонмаҳсулот» хеле суст аст.

Умуман ба рӯйихатгирие, ки аз оғози соли равон дар беш аз 30 ҳазор иншооти давлатӣ гузаронида шуд, нишон дод, ки дар соҳаи хусусигардонӣ ҳанӯз корҳои зиёдеро бояд анҷом дод.

Вобаста ба ин дирӯз роҳбари давлат бо қарори худ барномаи нави хусусигардониро тасдиқ кард, ки дар он чорабиниҳо бобати се самт – фурӯши саҳмияҳо, амволи ғайриманқул ва созмони IPO мушаххас карда шуданд.

Якум, маҷмӯи давлатии саҳмияҳои 1 ҳазор корхона барои фурӯш гузошта мешаванд.

Дуюм, 1 ҳазор иншооти ғайриманқул ба фурӯши умумӣ гузошта хоҳанд шуд. Онҳо 600 гектар замин ва иншооти масоҳати умумиашон 1 миллион метри мураббаъро дар бар мегиранд. Аз ҳама муҳимаш онҳо бо инфрасохтор таъмин шудаанд ва ба нуқтаҳои аҳолинишин наздиканд.

Ба мақсади тезондани фурӯши иншооти мазкур муҳлати ба фурӯш тайёркунии иншоот аз 80 рӯзи ҳолоина то ба 48 рӯз ихтисор карда мешавад.

Ба фурӯши иншооти масоҳаташон то 2 ҳазор метри мураббаъ бинобар аризаи бевоситаи соҳибкорон иҷозат дода мешавад.

Сеюм, саҳми давлат дар 40 корхонаи бузург ва бонкҳо аз тариқи «IPO-и халқӣ» фурӯхта хоҳад шуд. Аз ҷумла, бори аввал ба аҳолӣ саҳмияҳои даромади миёнаашон ду фоизи чунин корхонаҳои бузург – Заводи маъданҳои кӯҳии Навоӣ ва Заводи маъданҳои кӯҳии Олмалиқ, Комбинати металлургияи Ӯзбекистон, «Uztelecom», Бонки миллӣ, «Саноат қурилиш бонк» пешниҳод мешаванд. Аҳолӣ имкон доранд саҳмияҳоро бевосита аз корхонаҳо харид кунанд. Ширкатҳое, ки саҳмияҳояшон барои IPO харид шудаанд, дар тӯли панҷ сол на камтар аз 30 фоизи даромади софро барои пардохти дивидендҳо равона мекунанд.

Мувофиқи пешгӯиҳо барномаи мазкур соли равон даромадро дар ҳаҷми 13 триллион сӯм таъмин карда, ба ташкил кардани 3 ҳазор корхонаи нав ва 50 ҳазор ҷойи корӣ мусоидат мекунад.

Дар ҷамъомад вазифаҳои мазкур дар қисмати минтақа ва соҳаҳо баррасӣ шуданд.

Шахсони масъул дар бораи татбиқи барнома маълумот доданд.

Муҳимияти васеъ хабардор кардани аҳолӣ ва соҳибкорон дар бораи имкониятҳои хусусигардонии моликияти давлатӣ, кумакрасонӣ ба онҳо бобати расмикунонии ҳуҷҷатҳо таъкид гардид.

Бинобар ба бозори сармоя ворид кардани ширкатҳои бузурги давлатӣ ва баланд бардоштани самаранокии лоиҳаҳои сармоявӣ супоришҳо дода шуданд.

ЎзА.

Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

ДАР БОРАИ ЧОРАҲОИ ИЛОВАГӢ ОИД БА ТАЪМИНИ ЭЪТИДОЛИ НАРХ ДАР БОЗОРҲОИ ИСТЕЪМОЛӢ

Ба мақсади мустаҳкам намудани имконияти харидории аҳолӣ, қонеъ гардондани талаботи вай ба хелҳои асосии озуқаворӣ ва маҳсулоти истеъмолӣ, диверсификатсияи силсилаи асосии таъминот бо молҳо, ҳамчунин боздоштани дарачаи муфлисӣ:

1. Рӯйхати молҳое, ки ҳангоми ба ҳудуди Ҷумҳурии Ӯзбекистон то 1 январи соли 2024 кашондани онҳо миқдори сифрии боҷи гумрукӣ қабул карда мешавад, мувофиқи замимаи №1 тасдиқ карда шавад.

2. Дар Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 31 майи соли 2022-юм № ФП-145 «Дар бораи чораҳои иловагӣ бобати таъмин намудани эътидоли нарх дар бозорҳои истеъмолӣ ва баланд бардоштани таъсири чораҳои зиддимонополӣ»:

дар боби 1-ум ва дар замимаи ҳамноми №1 суханони «то 1 июли соли 2023» бо суханони «то 1 январи соли 2024» иваз карда шавад;

дар боби 4 суханони «то 1 январи соли 2023» ба суханони «то 1 январи соли 2024» бадал карда шавад.

3. Ба Девони Вазирон (Ҷ. Хӯҷаев) супурда шавад, ки **дар зарфи як моҳ** якҷо бо вазорат ва идораҳои манфиатдор ба Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон таклифро дар бораи:

баланд бардоштани самаранокии ҷараёни назорати давлатӣ ҳангоми кашондани маҳсулоти озуқаворӣ ва кишоварзӣ ба ҳудуди ҷумҳурӣ ва ба роҳ мондани кори он дар асоси равандҳои таваккал-таҳлил;

вусъат додани номгӯйи молҳои ҳамарӯзаи истеъмолӣ, ки нисбати онҳо ҳангоми воридот миқдори сифрии боҷи гумрукӣ истифода мешавад, ворид намояд.

4. Ба Вазорати сармояҳо, саноат ва савдо супурда шавад, ки якҷо бо вазорату идораҳои манфиатдор **дар муҳлати ду моҳ** ба Девони Вазирон дар бораи тағйирот ва иловаҳо ба ҳуҷҷатҳои қонунгузорие, ки аз Фармони мазкур бармеоянд, таклиф пешниҳод кунанд.

5. Назорати иҷрои Фармони мазкур ба зиммаи муовини Сарвазир Ҷ. А. Хӯҷаев гузошта шавад.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ

Шаҳри ТОШКАНД,
23 марти соли 2023

Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

ДАР БОРАИ ЧОРАҲОИ ФАРОҲАМ ОВАРДАНИ МУСОИДАТИ ИЛОВАГӢ БА АҲОЛӢ ҲАНГОМИ ПАРДОХТИ ҶАРИМАҲОИ МАЪМУРӢ ВА АЗ БАЙН БАРДОШТАНИ ОМИЛҲОИ ТАМАЪГАРӢ ДАР СОҲА

Ба мақсади фароҳам овардани мусоидати иловагӣ ҳангоми пардохти ҷаримаҳои маъмурӣ ва коҳиш додани бори ҷарима барои аҳолӣ, минбаъд соддатар кардани низоми иҷрои санксияҳои қабулшудаи ҷаримаҳо, ҳамчунин аз байн бардоштани монеаҳои барзиёди бюрократӣ ва омилҳои тамаъгарӣ дар муносибатҳои мақомоти давлатӣ бо аҳолӣ:

1. **Аз 1 майи соли 2023-юм** низоми пардохти ихтиёрии санксияҳои қабулшудаи ҷаримаҳо барои қонунвайронкунии маъмурӣ **соддатар карда** шавад. Дар ин маврид:

қонунвайронкунанда аз пардохти қисми боқимондаи ҷарима дар маврди ихтиёран **пардохтани 50 фоизи** миқдори ҷарима дар тӯли понздаҳ рӯз аз рӯзи ба ӯ додани қарор оид ба ҷаримагузорӣ ва **70 фоиз** дар тӯли сӣ рӯз озод карда шавад;

тартиби мазкур ҳамчунин ба санксияҳои ҷаримавӣ, ки дар асоси **қарорҳои суд** истифода мешаванд, ҷорӣ карда шавад.

Ба Девони Вазирон супурда шавад, ки дар **муҳлати як ҳафта** бо дарназардошти талаботе, ки боби мазкур пешбинӣ менамояд, дар тартиби муқарраршуда ба Палатаи қонунгузории Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон лоиҳаи дахлдори қонунро ворид кунад.

2. Ба мақсади **пешгирии суиистифода** дар соҳаи иҷрои иҷбории ҳуҷҷатҳои суд ва ҳуҷҷатҳои мақомоти дигар, ҳамчунин **ҳаллу фасли мушкилоте**, ки шаҳрвандон ва соҳибкоронро ба ташвиш овардаанд, муайян карда шавад, ки:

миқдори ҷаримаи маъмурӣ, ки Бюрои иҷрои иҷборӣ истифода мебарад, **наметавонад аз миқдоре, ки дар ҳуҷҷати иҷроия барои ситондан муқаррар карда шудааст, зиёд бошад**;

дар бораи қонунвайронкуниҳои маъмурӣ ва истифодаи ҷазои маъмурӣ аз номи Бюрои иҷрои иҷборӣ **танҳо** Сарҷрогари давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, сарҷрогарони давлатии Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд, муовинони онҳо, ҳамчунин роҳбарону шуъбаҳои ноҳиявӣ (шаҳрӣ)-и Бюрои иҷрои иҷборӣ ҳуқуқи баррасии парвандаро доранд.

Ба Прокуратураи генералӣ супурда шавад, ки **дар зарфи як моҳ** бо дарназардошти талаботе, ки боби мазкур пешбинӣ кардааст, бо тартиби муқарраршуда ба Палатаи қонунгузории Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон лоиҳаи дахлдори қонунро ворид намояд.

3. Ба мақсади аз байн бардоштани бюрократия ва коғазбозӣ, ҳамчунин куллан кам кардани тартиботи кӯҳнашуда ва ба талаботи кунунӣ номувофиқ дар боби аз байн бардоштан ва гирифта партофтани маҳкумӣ бо пешниҳоди Суди олӣ, Вазорати корҳои дохилӣ ва Вазорати адлия бобати дар соҳаи мазкур ҷорӣ намудани равандҳои **хидматрасонии давлатӣ дар шакли ташаббускор** ризоият дода шавад.

Тартибе муқаррар карда шавад, ки мувофиқи он **аз 1 сентябри соли 2023**:

а) маълумот дар бораи аз байн бардоштани маҳкумӣ ё ҳуд гирифта партофтани маҳкумӣ дар Низоми ягонаи иттилоотии «Маълумоти оҷил»-и Вазорати корҳои дохилӣ **дар режими онлайн** ба тартиби бевосита **ташаккул меёбад**;

б) **маълумотнома** дар бораи аз байн бардоштани маҳкумӣ ё ҳуд гирифта партофтани маҳкумӣ ба тарзи бевосита **ба дафтар (кабинет)-и расмии шахси дахлдор** дар Сомонаи ягонаи хидматрасониҳои интерактивии давлатӣ **дар асоси беподош на дертар аз рӯзи дигари аз байн бардоштан ё ҳуд гирифта партофтани маҳкумӣ фиристода мешавад**.

Ба Вазорати корҳои дохилӣ супурда шавад, ки якҷо бо Суди олӣ, Прокуратураи генералӣ ва Вазорати технологияҳои рақамӣ дар муҳлати то 1 июли соли 2023 тамоми чораҳоеро, ки барои таъмин намудани иҷрои боби мазкур зарур мебошанд, қабул кунад.

Дар ин маврид инъикоси бевоситаи маълумот дар Низоми ягонаи иттилоотии «Омори электронии ҷиноятиву ҳуқуқӣ» дар бораи:

ҷаримаҳои ихтиёран пардохташуда, **баррасии мавод дар судҳо**, ки бо ҳаллу фасли масъалаҳое алоқаманданд, ки ҳангоми иҷрои қарорҳои судӣ ба миён меоянд, аз тариқи татбиқ сохтани қаробати тарафайни низомҳои иттилоотии Суди олӣ ва Вазорати корҳои дохилӣ;

ситондани ҷаримаҳо аз тариқи татбиқ намудани қаробати тарафайни низомҳои иттилоотии Бюрои иҷрои иҷборӣ ва Вазорати корҳои дохилӣ;

шахсоне, ки аз ҳисобу китоби озмоишӣ хориҷ карда шудаанд, аз тариқи татбиқ намудани қаробати тарафайни Пойгоҳи электронии «Ҳисобу китоби озмоишӣ» ва Низоми ягонаи иттилоотии «Омори электронии ҷиноятиву ҳуқуқӣ» таъмин карда шавад.

4. Ҷавобгарии шахсӣ барои самарабахш ба роҳ мондани иҷрои қарори мазкур ба зиммаи вазири корҳои дохилӣ П. Р. Бобоҷонов, раиси Суди олӣ Б. Д. Исломов ва Прокурори генералӣ М. Т. Йӯлдошев гузошта шавад.

Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А. Н. Арипов ва роҳбари Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон С. У. Умурзоқов гузошта шавад.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ

Шаҳри ТОШКАНД,
23 марти соли 2023.

Дар кишвари мо ҳаёти инсон, озодӣ, шаъну шараф ва дигар ҳуқуқҳои дахлнопазир арзиши олӣ мебошанд. Аз ҳамин сабаб дар Конституцияи навшудаистодаи мо низ аҳамияти шаъну шарафи инсон ва дахлнопазирии ҳуқуқи вай дар ҳамаи ҷабҳаҳо муқаррар карда шудааст.

АКНУН ШАҲРВАНДОН НИЗ ҲУҚУҚИ ПЕШНИҲОДИ ЛОИҲАҲОИ ҚОНУНРО ДОРАНД

Аз ҷумла, аз вақти қабули Сарқонуни мо дар соли 1992 тағйироту иловаҳои воридшуда асосан ба идоракунии давлатӣ ва қонунгузории интихобот дахл доштанд, тағйироти асосии ислоҳоти имрӯза бошад, аз он сабаб муҳимтар аст, ки онҳо ба таъмини ҳифзи ҳуқуку озодиҳои инсон ва пурзӯр намудани муҳофизати иҷтимоӣ нигаронида шудаанд.

Хусусан, мувофиқи моддаи 33-юми таҳрири нави Конституцияи кафолатҳои ҳифзи доимии ҳуқуқи шаҳрвандон дар парвандаҳои вобаста ба фаъолияти судҳо пурзӯр карда мешаванд. Муқаррар карда шудааст, ки агар ҳамаи дигар воситаҳои ҳимоя тавассути суд истифода шуда бошанд, шаҳрвандон ва шахсони юридикӣ ҳуқуқ доранд ба Суди Конституционии Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо шикоят бобати ба конституция мувофиқат кардани қонун, ки суд нисбати онҳо татбиқ намудааст, мурочиат намоянд.

Ин бешубҳа ба он хидмат мекунад, ки ҳар як масъалае, ки дар назди суд гузошта мешавад, дар ҳамоҳангӣ бо манфиатҳои омили инсонӣ ҳал карда шавад. Ҳамчунин, як тағйироти муҳими воридшуда ин аст, ки доғи судии шахс ва оқибатҳои ҳуқуқии доғи судӣ бе ҳеҷ ваҷҳ ҳуқуқи наздикони ӯро маҳдуд намекунад.

Мо медонем, ки тӯли солҳо бисёр шаҳрвандони мо аз ҷиноятҳо донистаю надониста содиркардаи хешу табор аз бисьёр ҳуқуқҳо маҳрум буданд. Ба шарофати ислоҳоти шаш соли охир чунин меъёри ғаразнок дар қонунгузорӣ аз байн рафт. Ҳоло ин меъёр дар сатҳи Конституция мустаҳкам мешавад. Ин имкон медиҳад, ки бисёре аз кадрҳои соҳибихтисос бо кору фаъолияти ҳуд дар пешрафти кишварамон саҳм гузоранд.

Албатта, дар Конституцияи нав барои таъмин кардани ҳуқуқи инсон тағйироти зиёде ворид карда мешавад. Баробари ин дигаргуниҳо ба шаҳрвандон имконият дода мешавад, ки дар тамоми марҳилаҳои идоракунии давлат ва ҷамъият фаъолона иштирок кунанд, дар иҷрои ҳар як ҳуҷҷати муҳим соҳиби овози ҳуд бошанд.

Аз ҷумла, имконият дода мешавад, ки минбаъд на камтар аз сад ҳазор шаҳрванди Ӯзбекистон, ки ҳуқуқи овоздиҳӣ доранд, дар якҷоягӣ бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, тавассути мақоми олии намояндагии ҳокимияти давлатӣ Ҷумҳурии Қароқалпоқистон депутатҳои Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис, Девони Вазирони Ӯзбекистон ташаббуси қонунгузорӣ нишон диҳанд.

Акнун шаҳрвандони фаъоле, ки ба рушди кишвару халқи мо бетараф нестанд, метавонанд ташаббуси ҳудро дар мавриди тағйири қонунҳое, ки ба манфиати ҷомеа мухолиф меҳисобанд ва ё қабули қонунҳое, ки барои ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ зарур мешуморанд, изҳор намоянд.

Ҳулоса, қабули Конституцияи мо, ки дар баробари дигаргуниҳои Ӯзбекистони Нав тағйир ёфта истодааст, кафолати фардои мост. Аз ин рӯ, ҳамаи моро зарур аст, ки дар раъйпурсии умумихалқӣ, ки 30-юми апрел оид ба қабули таҳрири нави Сарқонунамон доир мегардад, фаъолона иштирок намоем.

Махфират ХУШВАҚТОВА, депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.

САЛОҲИЯТИ СОДИРОТИ «АЛП ТЕХНО СЕРВИС» МЕАФЗОЯД

Ин корхонаи масъулияташ маҳдуд, ки дар минтақаи хурди саноатии «Буюк Турон»-и шаҳри Қаршӣ бунёд шудааст, метавонад соле 120 адад телевизор ва монитор истеҳсол кунад.

Маҳсулоти JVC, TCL, Zimmer ва аз брендҳои дигари аудит гузаштаи корхона бо ҳамин ном ба бозорҳои хориҷӣ бароварда мешаванд. Соли гузашта ба миқдори 3 миллион доллари ИМА маҳсулот содир карда шуд, соли равон ният доранд ин нишондиҳандаро ба 6 миллион доллар расонанд.

Алҳол дар корхона 70 ҷойи корӣ мавҷуд аст. Баъд аз он ки шабакаҳои нави истеҳсолот ба кор сар мекунанд, ҷойи кор ба 30 меафзояд.

Дар сурат: *дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Алп техно сервис».*

Суратгир: А. АБДУЛЛОЕВ (ЎзА).

МАҲАЛЛАҲО ТАКЯГОҲИ БОЭЪТИМОДИ ҲУКУМАТАНД

Ҳокими вилояти Қашқадарё Муротҷон Азимов зимни мулоқот бо намояндагони сохтори маҳаллаҳо гуфт, ки нақши ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳо дар ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии қаламрав хеле муассир аст ва мақомот ба ин сохтор эътимоди қавӣ доранд.

Ҳокими вилоят онҳоро бо «Рӯзи сохтори маҳаллаҳо» табрик намуд ва ба як гурӯҳ мукофоти давлатӣ ва нишони сарисинагии «Ифтихори маҳалла»-ро супорид, ки бо Фармони Президент тақдир шудаанд.

М. Азимов аз он низ ёдовар гашт, ки ҳоло дар вилояти Қашқадарё 814 ҷамоати шаҳрвандони маҳалла мавҷуд аст, ки соли 2022 барои 148-тои онҳо биноҳои нави мучаҳҳаз сохта шуданд. Дар се моҳи соли равон 45 бинои маҳаллаҳо сохта ва мавриди истифода қарор гирифтанд. Танҳо дар ноҳияи Косон 30 бинои нав сохта, ба ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳои қаламрав супорида шудааст. Назар ба маълумоти оморӣ имрӯз тамоми биноҳои маҳаллаҳои ноҳияҳои Кӯкдала, Миришкор ва Муборак аз нав сохта шудаанд ва дорои шароити хуб ҳастанд. Шароити кори сохторҳои маҳаллаҳои дур аз марказ низ ба тадриҷ беҳтар мешаванд.

Шариф ХАЛИЛ, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.

ИСЛОҲОТИ КОНСТИТУТСИОНӢ – КАФОЛАТИ БОЭЪТИМОДИ БЕБОЗГАШТИИ ДИГАРГУНИҲОИ ДЕМОКРАТӢ ДАР РОҲИ БУНЁДИ ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ

Мутахассисони Осиёи Марказӣ дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қонуни Асосии Ўзбекистон

Ислоҳоти конституцсиониро, ки дар Ўзбекистон идома дорад, намояндагони доираҳои ҷамъиятиву сиёсӣ ва коршиносони Осиёи Марказӣ бо таваҷҷуҳи зиёд пайгирӣ мекунанд. Ва ин табиист, зеро равандҳои сиёсие, ки дар ҳар як кишвари минтақа ба амал меоянд, ба рушди куллии он таъсир нагузошта наметавонанд. Ба шарофати аз ҷониби Ўзбекистон пайваста татбиқ шудани сиёсати муколама ва ҳамсоягии нек бо давлатҳои минтақа солҳои охир фазои Осиёи Марказӣ ба таври назаррас тағйир ёфт. Эътимод байни кишварҳо мустаҳкам гардида, мушкилоти зиёде ҳаллу фасл шуда, робитаҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва фарҳангиву гуманитарӣ бо талошҳои муштарак густариш меёбанд.

Ҷомеашинос, роҳбари Фонди ҷамъиятии «Маркази тадқиқоти иҷтимоӣ ва сиёсии «Стратегия» Гулмира ИЛЕУЛОВА (Қазоқистон):

— Муҳимтарини ислоҳҳо ба Конституцсия блоки иҷтимоӣ ба шумор меравад. Тибқи тағйироти пешниҳодшуда, давлат бояд ухдадориҳои ҳифзи қишрҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолиро ба дӯш гирад. Ба шаҳрвандон ҳуқуқ ба таҳсил ва хидматрасонии сифатноки тиббӣ кафолат дода мешавад. Васеъ намудани хидматрасониҳои тиббии аз ҷониби давлат ба шаҳрвандон расонидашуда ба баланд шудани сифат ва давомноки миёнаи умр, кам шудани фавти кӯдакон ва модарон мусоидат мекунад. Ин қадами ҷиддӣ, ба ҷониби дар Ўзбекистон бунёд намудани давлати комилҳуқуқи «welfarestate» (давлати некўаҳвол), мувофиқи меъёрҳо ва стандартҳои дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон қабулшуда мебошад.

Ислоҳоте, ки ба навсозии системаи иқтисодии мамлакат нигаронда шудаанд, низ нақши калон мебозанд. Ислоҳоти либералии иқтисодии таҳти роҳбарии Президент Шавкат Мирзиёев дар тўли солҳои президентӣ анҷом додашударо аллакай метавон бо ислоҳоти Лешек Балчерович дар Полша, Иван Миклош дар Словакия ва Людвиг Эрхард дар Олмони баъди ҷанг дар як поя гузоштан мумкин аст. Тағйироти оид ба ҳифз ва дахлнопазирии моликияти хусусӣ пешниҳодшуда, на танҳо ин ислоҳотро қонунӣ мегардонад, балки онҳоро таҳким мебахшад, ки бешубҳа ба рушди босуръати иқтисодии Ўзбекистон дар солҳои наздик мусоидат мекунад.

Корманди илмии Пажўҳишгоҳи кишварҳои Осиё ва Аврупои Академияи илмҳои Тоҷикистон Виктор КИМ:

— Ўзбекистон бо миқёси азими худ ва ҷараёнҳои ҷиддии ислоҳоти демократӣ на танҳо таваҷҷуҳи доимии ҷомеаи ҷаҳониро ба худ ҷалб мекунад, балки метавонад ба таърих ҳамчун таҷрибаи беназири бунёди давлат дохил шавад. Бо дарназардошти дигаргуниҳои далерона ва васеъмиқёси куллӣ дар Ўзбекистон ислоҳоти конституцсионӣ, ки бо ташаббуси Президент Шавкат Мирзиёев дар аввали соли 2022 оғоз шуда буд, аллакай метавон ҳамчун таҷрибаи нодири Ўзбекистон дар ин самт муайян карда шавад.

Конституцсияи Ўзбекистон, ки 8 декабри соли 1992 қабул шудааст, яке аз беҳтарин конституцсияҳо дар фазои пасошўравӣ буда, нақши таърихии худро дар ташаккули давлатдории нави ҷумҳурии ҷавон ба таври беҳтарин бозид.

Ҷаҳони муосир босуръат дигар мешавад ва якҷо бо он ҷаҳони Ўзбекистони замонавӣ низ тағйир меёбад. Президент Шавкат Мирзиёев дар муборакбодиаш ба муносибати рўзи Конституцсияи ҷумҳурӣ 8 декабри соли 2022 қайд намуд, ки ислоҳоти конституцсиониро моҳият ва мантиқи Стратегияи рушди Ўзбекистони нав, хоҳишу пешниҳоди мардум таҳлил мекунад.

Миқёси дигаргунсозиҳо дар роҳи бунёди Ўзбекистони Нав чунон бузург ва пеш аз ҳама ба «ҳифзи инсон, ҳаёт, ҳуқуқ, озодиҳо, манфиатҳои қонунӣ, шаъну шарафи шахс ҳамчун арзиши олӣ» нигаронида шуда буд, ки ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конституцсияи амалкунанда зарурати ҳаётӣ гардид.

Гузашта аз ин, саркори Ўзбекистон иқдоми далерона карда, дар мулоқот бо аъзои Комиссияи конституцсионӣ пешниҳод кард, ки тағйироту иловаҳо ба Конституцсия тавассути раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шаванд. Президенти Ўзбекистон ба халқ бовар дорад ва Конституцсия бояд воқеан мардумӣ гардад. Ба фикрам, интизориҳои ў асосноk буданд.

Дар Конституцсия принсипи асосии «Инсон — ҷамъият — давлат» ифода ёфтааст, яъне манфиати инсон дар мадди аввал меистад. Ўзбекистон давлати иҷтимоӣ эълон шудааст, яъне Ўзбекистони замонавӣ ба дараҷаи тараққиёте расидааст, ки давлат метавонад аз эълони кафолатҳо ба ҳаракатҳои амалии таъмини шаҳрвандон, масалан, бо манзил, ҳаҷми кафолатноки ёрии тиббӣ гузарад. Дар баробари ин, ҳадди ақали музди меҳнат бо назардошти таъмини зиндагии шоистаи инсон муайян карда мешавад. Конституцсия манфиати шаҳрвандонро ҳимоя мекунад, масалан, норавшание, ки дар қонунгузорӣ ҳангоми муомилаи шаҳрванд бо мақомоти давлатӣ ба амал меояд, акнун ба фоидаи шаҳрванд маънидод карда мешавад.

Директори Маркази тадқиқоти геополитикӣ Гузел МАЙТДИНОВА (Тоҷикистон):

— 30 апрел дар Ўзбекистон раъйпурсӣ оид ба қабули тағйироту иловаҳо ба Конституцсияи Ўзбекистон баргузор мешавад. Дар рафти муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи қонуни конституцсионӣ оид ба такмили он зиёда аз 220 ҳазор пешниҳод ворид гардид. Илова бар ин, ин санад аз ҷониби коршиносони байналмилалӣ баҳои мусбат гирифта, аз 10 экспертизаи хориҷӣ ва байналмилалӣ гузашт.

Ислоҳоти кунунии конституцсионӣ барои рушди минбаъдаи давлат ва бунёди Ўзбекистони Нав заминаи боэътимоди ҳуқуқӣ фароҳам оварда, Қонуни асосиро ба равандҳои муосири кишвар мутобиқ месозад.

Таҷдид ва такмил додани пойгоҳи консептуалӣ ва ҳуқуқии сиёсати хориҷии Ўзбекистонро дар ислоҳот бо назардошти ташаккули тартиботи нави ҷаҳонӣ муҳим мешуморам. Бояд қайд кард, ки дар Қонуни асосӣ пешниҳоди Президент Шавкат Мирзиёев дар бораи ворид кардани моддаи пеш бурдани сиёсати сулҳҷўёна ва дўстонаи Ўзбекистон бо тамоми кишварҳо, пеш аз ҳама, бо ҳамсояҳо инъикос ёфтааст. Илова бар ин, сиёсати хориҷии кишвар ба эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон, принсипҳо ва меъёрҳои тамомияти арзӣ асос ёфтааст. Дар лоиҳа махсусан таъкид шудааст, ки Ўзбекистон дар муносибатҳои байналмилалӣ ҷонибдори ҳамсоягии нек ва ҳамкориҳои стратегӣ боқӣ мемонад. Бояд гуфт, ки рўҳияи таҳаммулпазирӣ, ошкорбаёнӣ ва ҳамсоягии нек, ки дар лоиҳаи Қонуни асосии кишвар ҷой гирифтаast, барои кишварҳои ҳамсояи Ўзбекистон махсусан муҳим аст.

Профессори кафедраи фарҳангшиносӣ ва диншиносии Донишгоҳи миллии Қазоқистон ба номи Ал-Форобӣ, доктори илмҳои фалсафа Калимаш БЕГАЛИНОВА:

— Дар Ўзбекистон муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи Қонуни конституцсионӣ барпо гардид ва дар асоси пешниҳодҳои сершумори воридгардида лоиҳаи конституцсионии мазкур такмил дода шуд. Зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конституцсияи Ўзбекистон дар натиҷаи тағйироти куллӣ дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ, маънавию фарҳангии кишвар ба миён омадааст.

Ислоҳоти конституцсионӣ ба он нигаронида шудааст, ки ҷомеаро дар атрофи як идеяи мустаҳкам – бунёди Ўзбекистони Нав, давлати воқеан соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ муттаҳид намояд.

Дар Конституцсия ба арзишҳои асосӣ, ки манфиатҳои тамоми табақаҳои аҳолӣ ва волоияти қонунро ба инобат мегирад, такя карда мешавад.

Мо мебинем, ки тибқи лоиҳаи Қонуни конституцсионӣ 65 дарсади матни Конституцсия таҷдид шуда, шумораи моддаҳои он аз 128 ба 155, меъёрҳои конституцсионӣ аз 275 ба 434, қоидаҳо дар бораи ҳуқуқи инсон ва озодиҳо сеюним баробар афзуда, бори аввал ҳуқуқи махфияти мукотиба, гуфтугузори телефон, почта, паёми электронӣ ва дигар хабарҳо, ки танҳо бо қарори суд маҳдуд карда мешавад, ворид карда мешавад. Ҳуқуқи ҳар як шаҳрванд ба манзил ва аз тарафи давлат ҳавасманд кардани сохтмони манзил низ бори аввал ба тариқи конституцсионӣ муқаррар карда шудааст.

Лаҳзаи инноватсионии лоиҳа дар он аст, ки таълим ҳамчун манбаи муҳими стратегӣ баррасӣ мешавад. Давлат бояд барои рушди таҳсилоти томактабӣ, мактабӣ ва олӣ шароит фароҳам оварад ва таҳсилоти ибтидоии касбӣ ройгон бошад. Бори аввал меъёрҳо барои ҳифзи шаъну шарафи омўзгорон, ғамхорӣ дар бораи некуаҳволии иҷтимоӣ ва моддии онҳо, болоравии касбии онҳо, баланд бардоштани мақоми иҷтимоӣ ва обрўи омўзгор дар ҷомеа, ки дар рушди соҳаи кишвар, неруи зеҳнии он нақши калидӣ мебозанд, ҷорӣ карда мешаванд.

Ин ва бисёр дигар нуктаҳои Қонуни асосӣ далели дигаргуниҳои мусбате мебошанд, ки дар мамлакат ба амал меоянд.

АИ «Дунё».

Соли эътибор ба инсон ва таълими босифат

МАТЛУБАИ МАҚБУЛ

Ў ба синни нафақа расиду ба номи роҳбари идора ариза навишт.

Сардор Бахтиёр Қосимов ба коғаз чашм давонду бо ҳайрат сўи ў нигарист.

– Матлуба Абдусаломовна, магар ягон кас шуморо хафа кард ё камбудӣ аз ман гузашт? – пурсид, – хўш, чӣ гап шуд?

– Укаҷон, ҳамааш олиҷаноб, – хандид Матлуба Муртазоева, – дар як соҳа, дар як идора беш аз 40 сол меҳнат кардам. Ана акнун ба ҷавонон имконияти кор кардан диҳем, сонӣ наберапоӣ гуфтагӣ гапҳо ҳаст.

Бахтиёр Қосимов зуд розигӣ надод. Зеро Матлуба бо хислатҳои неки инсонӣ – некӣ, ба қадри одам расидан, аҳду вафо, хоксорию ростқорӣ ба дилу дидаи корафтодагону атрофиён соҳиб буду миннатдории мизоҷон интиҳо надошт.

Воқеан ба соҳаи таъминоти иҷтимоӣ ба кор омадани вай тасодуф аст. Зеро ҳангоми таҳсил дар мактаби рақами 2-юми шаҳри Самарқанд ният дошт, ки омўзгори фанни забони модарӣ ва адабиёт шавад. Аммо ҳангоми дохилшавӣ ба факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд гўё чанд хол нарасида будааст.

Модари дилсўзу меҳрубонаш Хосият Баҳриева (илоҳӣ ҷояш дар ҷаннат бошад) барои аз беадолатӣ дилгиру рўҳафтода нашудани духтараш назди акрабои наздикаш, сардори идораи таъминоти иҷтимоии шаҳр Абдурафиқ Самиев рафт, ки ҷигаргўшаашро ба кор гирад. Ана ҳамин тавр Матлуба Муртазоева ҳисобчии идораи таъминоти иҷтимоӣ шуд. Аз нахустин устодаш Маҳфиза Аҳадова бисёр чизҳоро омўхт. Соли дигар бо тавсия ва роҳхати корхона ба омўзишгоҳи ҳуқуқшиносии Тошканд дохил гардида, онро ғоибона хатм кард.

Сипас беш аз сӣ сол дар идораи шуъбаи хазинаи ғайрибуҷаҳвии нафақа дар ноҳияи Самарқанд дар вазифаи нозир фаъолият бурд. Маҳз бо кумаку маслиҳати беғаразона ва таҳияи ҳуҷҷатҳои лозимӣ ҳазорҳо нафар шахсон нафақа мегиранд.

– Бо амри тақдир бо бисёр шахсон ҳамкору ҳамдил будем, – мегўяд Матлуба Муртазоева, – Абдурафиқ Каримов, Илҳом Ваҳҳобов, Тамара Рашидова, Моҳира Мансурова, Шоира Мухторова, Гулсара Ҳакимова ва дигарон кўшиш ба харҷ медоданд, ки ба корафтодагон хизмати беминнат расонанд. Шояд аз ҳамин сабаб дар кўча ё тўю маъракаҳо бо онҳо рў ба рў шавем, албатта арзи сипос мекунанд.

Боиси ифтихор аст, ки ин бонуи дилёбу дарёдил, ки лабонаш ҳамеша моили табассуманд, ба аксарият ҷавонону навкорон устод аст. Фирдавс Ганиев, Аббос Худойбердиев, Зафар Боймуҳаммадов, Бахтиёр Қосимов ва дигарон ўро ҳамчун мураббии ғамхору меҳрубон эҳтиром мекунанд.

– Дар ноҳияи мо ҳар сол қариб ду ҳазор нафар ба нафақа мебароянд, – мегўяд сардори идора Бахтиёр Қосимов, – бо таҳияи ҳуҷҷат ва таъин кардани нафақа ҳамагӣ бист нафар ходимон машғуланд. Ба идораи мо ҳар гуна одамон омада, афсўс, ки баъзе аз онҳо на одоби муошират доранду на андешаи солим. Матлуба барин шахсони масъулиятшинос «аз ҳазорон Каъба як дил беҳтар аст» гуфта сифати неки инсонии хешро намоиш медиҳад.

Воқеан, Матлуба Муртазоева дар нафақа бошад ҳам, зуд-зуд ба идораи мо омада, барои ҳалли баъзе муаммоҳои сарбаста кумак мерасонад, ки барҳақ, пирони куҳан бо таҷриба гўянд сухан, некӣ бикунанд, таҷриба бо худ набаранд.

– Дар нафақа будан хислатҳои аҷибе доштааст, – гуфт Матлубаапа – бештар вақт пайдо шуд, ки китоб хонам, бо тарбияи наберагон машғул шавам. Бо гузашти айём хотира суст мешудааст, ки набераи даҳсолаам Моҳинабону қариб нисфи Қуръони каримро аз ёд карду ман ҳамагӣ як пораи онро. Шаш нафар набера, гулдухтаронам Дилафрўз, Дилрабо, Дурдона дар атрофам парвона. Сад дареғо, ки соҳиби сарам Ғайбулло Исматов баъди сӣ соли ҳамхонагӣ нобаҳангом вафот кард. Вақти намозгузорӣ ба ҳаққи ҳамсарам, хешу пайвандон ва ҳамкорон, ки бо дунёи фонӣ падруд гуфтаанд, дуои хайр мекунам. Бигзор рўҳашон шод, хонаи охираташон обод бод!

Матлубаапа сипосгузор аст аз сарвари давлат, ки хосатан ба зан меҳрубонӣ зоҳир мекунад.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти САМАРҚАНД.

«ҲОЗИБАИ БАҲОР»

Чунин ном дорад намоиши асарҳои тозаэҷоди рассомони самарқандӣ, ки дар нигористони санъати «Чорсу», воқеъ дар шафати майдони Регистон дар рўзҳои ҷашни Наврўз тантанавор кушода шуд.

Устодони мўқалам – академик Аслиддин Исоев, Нуриддин Исоев, Алексей Шербаков, Ҷумъабой Абдурауфи Оҳаликӣ, Хуршед Халилов, Мирсаид Самадов, Мунира Султонова, Озод Неъматов ва дигарон дар намоишгоҳ асарҳои пурарзиш ва ҷолиби хешро ба ҳукми мухлисони санъати тасвирӣ гузоштаанд.

Намоишгоҳ бо расмҳои пурҷозиба, пурмаъно ва дилнишину гуворои устоди мўқалам Аслиддин Исоев оғоз ёфта, дар шафати он намуна аз эҷодиёти писари ў Нуриддин ҷой гирифтааст. Ҳар ду кўшиш ба харҷ додаанд, ки арўси сол – баҳори нозанинро бо рангҳои пурҷило тасвир намоянд.

Фарзанди фарзонаи ноҳияи Самарқанд Абдурауфи Оҳаликӣ дар аксар расмҳои худ манзараҳои дилфиреби зодгоҳашро тасвир кардааст.

– Ҳавлии мо дар лаби сойи калони деҳа ҷойгир шуда, аз тирезаи хонаи эҷодӣ қуллаҳои баланди Оҳалик ба назар мерасанд, – бо ҳисси шодмонӣ гуфт мусаввир Абдурауфи Оҳаликӣ. – Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки бо тамошои табиат чашмаи илҳом ҷўш мезанад ва дар аксар тасвирҳои худ низ мавзеъҳои беҳтарини кишварро тасвир кардаам. Дар нигористон аз қатори асарҳои тасвирии рассомони соҳибтаҷриба, намунаҳои эҷодии ҷавонони умедбахш низ ҷой гирифтаast, ки ин мусаввирони навқаламро илҳоми тоза мебахшад.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.

Дар ноҳияи Попи вилояти Намангон мавсими баҳории ниҳолшинонии лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» идома дорад.

КОРҲОИ БАҲОРӢ

Дар доираи ин лоиҳа соли гузашта 1 миллиону 300 ҳазор бех дарахту бута шинонда шуда буд, ки нақшаи имсола низ аз он кам нест. Аз ҷумла, чорабинии ниҳолшинонӣ дар мавзеъи «Ўзбекистони Нав», ки дар ҳудуди Ғурумсарой ташкил шуда буд, таҳти роҳбарии ҳокими ноҳия баргузор гардид. Намояндагони корхонаю ташкилотҳо ва аҳли ҷомеа дар ҷойҳо дарахту буттаҳои гуногуни ороишӣ шинонданд.

Дар ноҳия бобати истифода бурдан аз заминҳои бекорхобида ва камоб, обод гардондан ва ба кабудизор табдил додани онҳо низ корҳои амалӣ ба ҷо оварда, сохтори обёрии қатрагӣ ҷорӣ карда мешавад. Дар мавсими баҳории соли равон дар доираи лоиҳаи «Макони сабз» шинондани 862 ҳазор бех ниҳоли боровар, ороишӣ ва буттаю қаламчаҳо дар назар аст.

Шоҳида ДАМИНОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.

ХАБАРҲО

ҲАМДАСТӢ ДАР ИСТЕҲСОЛ ВА ФУРЎШИ АВТОМОБИЛ

Ўзбекистон вақтҳои охир ба масъалаи истеҳсол ва фурўши якҷои автомобилҳо бо мамлакатҳои дўст ташаббус зоҳир менамояд. Чунончи, моҳи сентябри соли 2021 дар шаҳри Гаҷигабули Озарбойҷон оиди кушода шудани самти истеҳсолии Uz AutoMotors ва »СамАвто» шартнома ба имзо расид ва дар он мамлакат фурўши автомобилҳои мо роҳандозӣ гашт.

Алъон бо Қирғизистон оиди якҷо истеҳсол намудани автомобилҳо ҳаракат оғоз ёфтааст. Дар ин бобат байни ширкатҳои «ДТ Техник» ва «Нур»-и Қирғизистон ва ҶС «Ўзавтосаноат»-и Ўзбекистон шартнома имзо гашт. Ҷамъи сармоя 50 миллион доллари ИМА-ро ташкил менамояд.

Заводи автомобил соли равон дар ноҳияи Сокулук (Қирғизистон) барпо мегардад. Дар давоми шаш сол истеҳсол шудани 30 ҳазор автомобили замонавӣ, ташкил шудани 2 ҳазор ҷойи кор ба нақша дароварда шудааст.

Интизор меравад оянда ҷумҳуриамон бо Туркманистон низ якҷо автомобил истеҳсол намояд.

БАҲРИ ҲАЛЛИ МУШКИЛОТИ ДЕҲОТИ ДУРДАСТ

Бонки рушди ислом барои равнақ додани деҳаҳои дурдасти Ўзбекистон 200 миллион доллар ҷудо намудааст. Дар лоиҳа тараққӣ додани 113 деҳа, беҳсозии инфрасохтори роҳу нақлиёт ва таъмини барқ ҷой гирифтааст.

Минҷумла, дар панҷ ноҳияи Қароқалпоқистон беҳтар сохтани ҳолати ҷамъ 160-то объекти инфрасохтори иҷтимоӣ пешбинӣ шудааст.

Ҷуз аз Қароқалпоқистон дар вилоятҳои Бухоро, Навоӣ ва Хоразм бо истифодаи маблаге, ки БРИ ҷудо кардааст, деҳаҳои дурдаст ба ободӣ рўй меоваранд.

Ба амал баромадани лоиҳа, дар навбати аввал, ба баланд шудани дараҷаи рўзгори аҳолии деҳот мусоидат хоҳад намуд.

ХОДИМОНИ БОҒЧАҲОИ КЎДАКОН – ИШТИРОКДОРИ ФАЪОЛИ ҲАШАР

Дар ҳашари хайрияи умумихалқӣ, ки дар ҳама гўшаю канори ҷумҳурӣ дар арафаи Наврўз гузаронида шуд.

Намояндагони муассисаҳои таълими томактабии ноҳияи Сўх низ муташаккилона иштирок намуданд. Дар он 650 нафар коргарону ходимон ширкат ҷуста, дар ороставу озодасозии 3 гектар майдон, бурда партофтани 5 тонна партов, кандану тоза сохтани ҷўйбор, ки 2,5 км тўл мекашад, шакл додан ва сафед кардани пояи 2500 бех дарахтон саҳм гирифтанд. 4 техника ҷалб карда шуд. 3 бино таъмир ёфт. Ба 3 нафар камтаъминҳо кумаки моддӣ расонда шуд.

М. ШОДИЕВ,
мухбири «Овози тоҷик».

Бо супориши роҳбари давлат аз ҷониби соҳибкорони вилояти Андиҷон, ки ба ноҳияи Кегейлии Ҷумҳурии Қароқалпоқистон вобаста карда шуда буданд, охири соли 2022-юм дар ҳудуди ҷамоати шаҳрвандони овули Оқтуба корхонаи «Aqtuba textil group» бунёд гардид.

Арзиши умумии лоиҳаи мазкур 30 миллиард сўмро ташкил дод. Ҳоли ҳозир дар ин ҷо наздик ба 400 нафар занону духтарон кор мекунанд. Ҷамоати корхона ният доранд, ки сафи онҳоро ба 500 нафар расонанд.

Корхона соле 2,4 миллион дона маҳсулот истеҳсол карда метавонад. Дар оғози соли равон бо Русия шартномаи ҳамкорӣ ба имзо расид, алҳол дар пояи ин муоҳида барои содирот сару либосҳои мардона, занона ва бачагона дўхта мешаванд.

Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).

ГУЗАРГОҲИ ЗЕРИЗАМИНӢ БА КОР ДАРОМАД

Мо пештар дар бораи дар 272-юмин километри роҳи байналмилалии «Самарқанд – Бухоро – Туркманбошӣ» байни шаҳраки тиббӣ ва бозори «Корвон»-и шаҳри Бухоро бо мақсади таъмин кардани бехатарии пиёдагардон сохтани гузаргоҳи зеризаминӣ хабар дода будем.

Ҳоло ин объекти муҳим ба истифода супорида шуд. Ба ин муносибат дар тадбир ҳокими вилоят Ботир Зарифов, роҳбарони секторҳо, аҳли ҷамоат ва намояндагони ВАО иштирок карданд.

– Бухороиён медонанд, ки чанде пеш дар шаҳр роҳи зеризаминии мавҷудбуда аз заҳ пур шуда фурў рафта буд. Вале имрўз афзудани миқдори автомобилҳо дар вилоят ва таҳдиди хавф ба ҳаёти пиёдагардон водор намуд, ки бо назардошти чорабиниҳои зарурӣ ин гузаргоҳ сохта шавад, — гуфт сардори садорати роҳҳои автомобилии вилоят Мурод Бердиев.

– Мо бо мақсади аз нохушиҳо эмин доштани пиёдагардон дар дигар ҷойҳои серҳаракати роҳ низ сохтмони чунин объектҳоро давом медиҳем, – огоҳ намуд ҳокими вилоят Ботир Зарифов.

Ҷамъомадагони тадбир бо имкониятҳои гузаргоҳ аз наздик шинос шуданд.

Амрулло АВЕЗОВ,
мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

Дар ҷевони китоб

ГАНҶ МАГИР, КИТОБ ГИР

Нависандаи бузурги авар Расул Ғамзатов дар китоби худ «Доғистони ман» чунин сатрҳоро овардааст: «Адади нашр далели чизе нест. Китобҳое ҳастанд, ки сад ҳазор нусха чоп шудаанд, аммо онҳоро касе намехарад, онҳо дар рафҳои китобхонаҳою дуконҳо мехобанд. Баъзе китобҳо даст ба даст мегарданд ва як нусхаи онҳоро одамони бисёре мехонанд. Бигзор, китоби маро ақаллан як кас хонад, ман ба ҳамин ҳам хурсанд мешавам. Ҳар кас як порча замини худро шудгор кардааст, дар натиҷа, тамоми замин шудгор шудааст».

Боиси хурсандист, ки солҳои охир ҷевони китоби мо аз китобҳои тозанашр беш аз пеш пур мегардад. Аз ҷумла, ба қарибӣ китобҳои «Фирдавсӣ», «Пайроҳаи илм», «Меҳрнома» ва «Ду тори як дутор» рӯйи чопро диданд.

Нависандаи мардумии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ – Сотим Улуғзода яке аз шоҳсутунҳои насри муосири тоҷик мебошад. Романи ӯ «Фирдавсӣ» дар адабиёти тоҷик аз шоҳкориҳоест, ки арзиши баланди бадеиву таърихӣ дорад.

Роман ба зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Фирдавсӣ – муаллифи «Шоҳнома»-и безавол, ки зиндагии ноҳамворро аз сар гузаронда буд, бахшида шудааст. Ин роман аз ҷониби Ҷумҳурии Исломии Эрон низ ба таври шоиста пазируфта шуд.

Роман бо ташаббуси Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони ҷумҳурӣ ба муносибати 110-солагии нависанда, ки дар ду ҷумҳурӣ ба таври шоиста ҷашн гирифта шуд, аз ҷониби нашриёти «Тамаддун» бо теъдоди 500 нусха ба дасти чоп расид.

Академик Абдулғанӣ Мирзоев дар таҳқиқи омӯзиши таърихи адабиёти классикии тоҷик хидматҳои шоиста кардааст. Асарҳои пурарзиши ӯ – «Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик (1956), «Мулҳами Бухорӣ» (1948), «Биноӣ» (1957) ва дигар мақолаҳояш оид ба ҳаёт ва эҷодиёти Ҳилолӣ (1948), Сайфи Бухорӣ (1956), «Аҳмади Дониш» (1962), «Ибни Сино» (1957), «Алишери Навоӣ» (1966), «Ҷомӣ» (1971) далели ин гуфтаанд.

Баъди бо ташаббуси сарвари мамлакат муҳтарам Шавкат Мирзиёев ва Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон нарм гардидани муносибатҳои ду ҷумҳурӣ робитаҳои фарҳангӣ ва адабии халқҳои бародар – тоҷикону ӯзбекон беш аз пеш густариш ёфт. Маҳсули ин ҳамкориҳо буд, ки соли сипаригардида солгарди зодрӯзи ду чеҳраи илму адаби тоҷик Сотим Улуғзода ва академик Абдулғанӣ Мирзоев, ки зодаи Ӯзбекистон ва парвардаи Тоҷикистон буд, дар ҷумҳуриамон пуршукӯҳ ҷашн гирифта шуд. Аҳли илму адаб огоҳанд, ки дар зодгоҳи олими забардаст Абдулғанӣ Мирзоев – ноҳияи Китоб маҳфили ёдбуди ӯ баргузор шуд. Китоби «Пайроҳаи илм» маҳсули ин гирдиҳамоӣ буд.

«Пайроҳаи илм» китобест доир ба роҳи тайкардаи олими барҷастаи тоҷик. Он ҳамчунин мақолаҳоеро, ки дар бораи ин олими нуктадон навишта шудаанд, дар бар мегирад.

Халқҳои тоҷику ӯзбек муштараkoти зиёде дар фарҳангу суннати аҷдодӣ доранд. Дар гузаштаҳои дуру наздик бисёр шоирони ин ду халқи ҳамҷавор ба ду забон навиштаанд, яъне зуллисонайн будаанд. Ин анъана ҳанӯз идома дорад. Соли сипаригардида бо ташаббуси Маркази фарҳанги миллии тоҷикони Ҷиззах ва Маркази маънавият ва маърифати ӯзбекони вилояти Суғди Тоҷикистон намунаҳои назм ва насри аҳли қалами вилояти Ҷиззах ва адибони ӯзбеки вилояти Суғд баёзи дастҷамъие бо номи «Меҳрнома» аз тариқи нашриёти «Маҳорат»-и шаҳри Самарқанд бо теъдоди 500 нусха рӯйи чопро дид. Дар ин баёз намунаҳои назм ва насри 19 адиби тоҷики вилояти Ҷиззах ва 19 адиби ӯзбекзабони вилояти Суғд гирд омарда шудааст.

Боз як китоби тозанашр бо ташаббуси Маркази маданӣ-миллии тоҷикони вилояти Намангон бо номи «Ду тори як дутор» аз нашриёти «Усмон Носир медиа»-и шаҳри Намангон чоп шуд, ки дар он шеър, ҳикоя ва мақолаҳои гуногунмавзӯи эҷодкорон – Илҳоми Насафӣ,



Олимҷон Эшматов, Шаҳло Мамаҷонова, Шоҳида Даминова, Шарофхон Мирзоев ва дигарон гирд омадааст. Дар китоб нақли раиси шуъбаи намангонии Иттиҳоди журналистони Ӯзбекистон Носир Аббос оварда шудааст, ки хеле ҷолиб аст. Назар ба нақли ӯ, ба хонаи Носири хурдакак тағояш Шамсиддин аз Тоҷикистон зуд-зуд меҳмон мешуд. Рӯзе ӯ ба Носир аз ашъори шоири тоҷик Носири Хусрав китобчаеро тақдим мекунад ва мегӯяд, ки номи ту низ Носир аст, бояд чун Носири Хусрав ғазалсаро гардӣ. Ҳамин шуду Носир Аббос шоир ва журналисти бомаҳорат гардид.

Чунин маҷмӯаҳои дастҷамъӣ, бешубҳа, ба таҳкими ёфтани робитаҳои адабию фарҳангии халқҳои ба ҳам дӯсту бародар хидмат мекунанд.

С. БЕКНАЗАРОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик».
М. МИРШАРОФ,
хабарнигори ҷамоатии «Овози тоҷик».

Дар Бухоро марҳилаи вилоятии озмуни ҷумҳуриявии «Пайравони Ибни Сино» ба амал омад.

МАРҲИЛАИ ВИЛОЯТИИ ОЗМУНИ «ПАЙРАВОНИ ИБНИ СИНО»

Бояд таъкид намуд, ки ин озмун бо мақсади омӯхтани мероси илмии Абуалӣ ибни Сино, дӯст доштани касби омӯхташаванда, зиёд намудани масъулият нисбати ҳифзи саломатии мардум ва тарғиботи маданияти тиббӣ байни талабагони муассисаҳои тиббии миёна созмон ёфтааст.

Дар озмун талабагони равияи «Кори ҳамширагӣ»-и коллеҷ ва техникумҳои вилоят иштирок карданд. Бинобар талаби низом иштироккунандагони озмун дар панҷ равия донишу маҳорати худро намоиш доданд. Дар охир доварон ғолибони озмунро муайян карданд. Ҷойи якум ба толибаи техникуми саломатии ҷамоати Бухоро ба номи Абуалӣ ибни Сино Гӯзал Нутфуллоева, ҷойи дуюм ба толибаи коллеҷи тиббии Ғиждувон З. Бобоева ва ҷойи сеюм ба толибаи техникуми саломатии ҷамоати Қарокӯл Зайтуна Бобоева насиб кард.

Ғолиби озмун Г. Нутфуллоева ба марҳилаи ҷумҳуриявии озмун, ки моҳи апрел баргузор мегардад, роҳхат гирифт.

Амрулло АВЕЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

Таъриҳи диёрро меомӯзем

ҲАЗОРНУР

Агар аз шаҳри Шофиркон роҳро миёнбур карда, бо роҳҳои каҷу килеби дашт, ки ба таъбири ҷӯпонон «рагҳои хуни дашт» ҳастанд, роҳ паймоед, баъди масофаи тахминан 85-90 километри чашматон ба баландие меафтад. Хӯш, ин чӣ маконест?!

Гарчанд сокинони гирду атрофи он қазоқанд ва бо лафзи қазоқию ӯзбекӣ ҳарф мезананд, он Ҳазорнур ном дорад. Чаро?! Беихтиёр ба олами хаёлот ғӯта мезанед. Оё онҳо ягон тоҷикро барои маҳз гузоштани ин ном инҷо даъват кардаанд? Дар болои харобаҳои қалъаи қадима мазори қавми қазоқзабон, ки мансуби шуъбаи Кичик юз ва ба шабакаи Шумакей мансуб аст, воқеъ мебошад. Баландии қалъа аз шимол то ба бист метр мерасад. Корчаллонҳо то ба болои он роҳҳои каҷу килеби мошинбаро сохтаанд. Дар болои қалъа барои мусофирон чандин хонаи истиқоматӣ, инчунин захираи ҳезум, оби ошомиданӣ, кӯрпаю кӯрпача мавҷуд. Агар аз тарафи шимолу ғарбии он равед, ба харобаҳои таҳхонаии вай мерасед. Тарафи ҷануби қалъа бо замин баробар шудааст. Агар аз самти шимоли шарқии он ҷониби шарқ назар андозед, чашматон ба чуқуртарин нуқтаи вилоят – кӯли Оғитма меафтад. Дар тарафи ҷануби шарқии кӯл чашмаи Оби гарм ҷӯшида мебарояд, ки он ба 69 дарҷаи селсий баробар мебошад. Ин чашма ба ду ҷӯйча ҷудо шуда, оби худро ба кӯли Оғитма мерезад. Оби чашма шӯр буда, истеъмоли кам-кам ва бардавоми он ба касалиҳои меъда ва рӯда, ки ба ҳазми таом вобастагӣ доранд шифо мешудааст. Аз хидматгори ин маскан дар бораи таъриҳи қалъа пурсон шудем.

– Ин ҷо макони саркардаи араб Молики Аждар аст, ки дар ихтиёри худ зиёда аз ҳазор навкар дошта, мағлубнопазир буд. Тиру шамшеру найза ба тани вай асар намекард. Барои донистани ин асрор душманон ба хидматгории келини саркарда кампири ҳилагареро ҷойгир кардаанд. Кампир ба боварии келин сазовор шуда, ин асрорро мепурсад. Келин дар навбати худ аз падаршӯяш сабаби ба вай таъсир накардани тиру найзаро пурсон мешавад. Молики Аждар аз ин пурсиш ба сар омадани умрашро дониста асрорро ба келинаш мекушояд ва мегӯяд: «Танҳо ҳангоми гузориши намози Худованд тани ман чун пахта мулоим мешавад, дигар вақт чун пӯлод маҳкам аст. Ҳарифон аз ин истифода бурда Молики Аждар ва навкаронашро ҳангоми намозгузорӣ ба шаҳодат мерасонанд. Аз он вақт ба ёди шаҳидон ин маскан номи Ҳазорнурро гирифтааст. Яъне ҳар шаҳодатёфта, дар роҳи густариши ислом ба нур қиёс шуда, – қисса мекунад вай.

Оид ба ин маскан сараввал бо ҳамроҳии саррежиссёри телевизиони давлатии Бухоро Салимҷон Назаров ва пасон бо таклифи банда бо журналист Матлуба Одинаева ва оператор Ҳидоятҷон Ҷумъаев ба забонҳои тоҷикию ӯзбекӣ намоишҳо тайёр намуда, пешкаши тамошобинон кардем. Ҳангоми наворбардорӣ Матлуба савол дод:

– Алимуродака, дар ин маскан, ки номаш сирф тоҷикист, қазоқон ас кучоянд?

Банда он вақт ба ҷавоби ин савол тайёр набудам. Ва имрӯз ҷавоби ин савол ёфт шуду онро бо хонандагони «Овози тоҷик» ба ҳам мебинам.

Зимистони солҳои 1968-1969 хеле сахт омада буд. Он ҳангом вилояти ҳозираи Навоӣ ҳам дар қаламрави вилояти Бухоро буд, барфи баланде борида, тамоми роҳҳоро пӯшонд. Раҳматии амакам Камолиддин, ки он замон ба чӯл барои чӯпонони хоҷагӣ бо мошин об мекашонд, гуфта буд:

Тамоми роҳҳоро барф пӯшид. Барои муайян кардани роҳ ва дар сармо ба чӯпонон ёрӣ расонидан аз самти Нурато роҳ ёфтем. Яъне Ҳазорнур аз мо дида, ба Нурато наздиктар аст. Пас Ҳазорнур бо Нурато бародару додар барин.

Замоне, ки ин ҷоро ба навор сабт мекардем, операторамон Ҳидоятҷон Ҷумъаев:

– Домулло, дар ин ҷо чӣ сабт карда бошанд? – гуфта аз навиштае пурсон шуд.

– Намедонам, ба ин хат дандони банда намегузарад, – гуфтам бо армон.

Хулоса, агар гӯем, ки маскани таъриҳии Ҳазорнур тадқиқоти нуктасанҷонаро интизор аст, дуруст аст. То ба ҳол дар асарҳои Абдураззоқ Кӯшшаев ҳикояи «Келинчӯққи», достони шоир Маҳмуди Ғафур «Ҳазорнур», манзумаи «Сайри чӯл»-и Абдулло Раҳмон, ки дар равияи Муқимӣ эҷод кардааст, доир ба таъриҳи ин маскани куҳан сухан рафтааст. Аммо ҳамаи онҳо ба он аз нуқтаи назари сатҳӣ нигоҳ кардаанд. Гуфтанӣ ҳастам, ки ин ҷо нигоҳи дақиқи археологӣ ва назари олимонае зарур аст, то парда аз рӯйи ҳақиқат бардошта шуда, чӣ маконе будани Ҳазорнур ба мардум аён гардад.

Алимурод ТЕМИРОВ,
тарғиботгари эҷодиву мадании мактаби рақами 54-уми ноҳияи Шофиркон.

Дар мактаби варзишии ба хелҳои варзиш ва атлетикаи сабук махсусонидашудаи вилояти Бухоро 1170 нафар писарону духтарон бо варзиш машғуланд.

Дар тасарруфи ин мактаби варзишӣ се иншооти соҳа, аз ҷумла маҷмӯи варзишии «Бухоро», маҷмаи варзишии ба теннис махсусонидашудаи «Ҳумо» ва маҷмаи варзишии ба хоккейи рӯйи алаф махсусонидашудаи «Ситора» мавҷуданд. Дар он бинобар 13 намуди варзиш 69 нафар мураббиён кор мекунанд. Баробари ин дар 43 мактаби таълими ҳамагонии шаҳри Бухоро барои дар ҳудуди маърифатгоҳ бо варзиш машғул гардидани толибилмон маҳфилҳои варзишӣ кор мебаранд.

Соли 2022-юм варзишгарони мактаб дар чемпионати Осиё ва Ҷоми Осиё соҳиби 13, дар чемпионатҳои ҷаҳон сазовори 15 медал шуданд, ки 15 тои онҳо медалҳои тиллоӣ мебошанд.

***Дар сурат:** дар мактаби варзишии ба хелҳои варзиш махсусонидашудаи вилояти Бухоро.*

Суратгир: Т. ИСТАДОВ (ЎзА).

Соли эътибор ба инсон ва таълими босифат

ФАРЗАНДИ ҲУНАР БОШ

Дар вазъи кунунии ҷаҳонишавӣ кишвари мо босуръат пеш меравад, иқтисодиёт рушду равнақ ёфта, ҳаёти иҷтимоии мардум рӯ ба беҳбудӣ овардааст. Дар ин раванд суол пайдо мегардад: оё мо ба ин ҷараёни тараққиёт омодаем? Ҷаҳонбинӣ ва тафаккури мо ҷавобгӯйи замон аст? Агар на, пас чӣ бояд кард?

Бо замон ҳамқадаму ҳамнафас будан марбут аст ба ташаккулу такомули маданияти ҳуқуқии инсон ва ё шаҳрванд. Ташаккули маданияти ҳуқуқӣ ба дарки моҳият ва равандҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа кумак мекунад. Инсон мавқеи худро дар ҷомеа пайдо намуда, метавонад озодона дар ҳаллу фасли мушкилоти ҷомеа, рушду нумӯи кишвари худ саҳм бигирад. Мақом ва мавқеи худро дар ҷамъият пайдо намояд. Ташаккул ва такомули маданияти ҳуқуқӣ дар иртибот бо ташаккули маънавият сурат мегирад. Ҳар як шаҳрванди кишварро зарур аст пайваста дар омӯзиш, ҷустуҷӯ ва такомули маънавият ва маърифати хеш бошад.

«Бешубҳа, дар солҳои истиқлолият дар кишвари мо дар роҳи бунёди давлат ва ҷомеаи нав корҳои таъриҳӣ анҷом дода шуданд, – омадааст дар ҷавобҳои Президент Шавкат Мирзиёев ба саволҳои рӯзномаи «Янги Ӯзбекистон», бо иродаи шикастнопазир ва иқтидори бузурги мардуми мо комёбиҳои бузург ба даст оварда шуданд. Дар як муддати кӯтоҳи таъриҳӣ Конституцияи тоҳия ва қабул карда шуд. Мамлакати мо ҳамчун давлати соҳибихтиёр дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мақоми сазовор ишғол кард. Дар Ӯзбекистон ба сохти конституционӣ асос гузошта шуд. Се шохаи мустақили ҳокимият – ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроия ва суд таъсис дода шуданд. Давлати бо маънои том конституционӣ барпо карда шуд». Асосҳои давлати демократии ҳуқуқбунёд барпо гардид.

Бешубҳа, имрӯз дар мамлакати мо перомуни исловҳоти ояндасоз боз як ҷараёни муҳиму бедоршавӣ амалӣ мегардад. Ибораҳои «Ӯзбекистони Нав» ва «Эҳёи Нав» дар зиндагии мардуми мо ҳамоҳанг садо медиҳанд, мардуми моро ба ҳадафҳои бузург илҳом мебахшанд, ба бунёдкории ояндасоз ва бунёди давлати пурқудрати демократӣ ва ҳуқуқӣ раҳнамун месозанд. Бахри татбиқи амалии ин раванди таъриҳӣ дар кишвар имкониятҳои васеъ муҳайё гардиданд.

Ба ибораи «Ӯзбекистони Нав» сарвари давлат чунин таъриф додааст: «Ӯзбекистони Нав – ин давлатест, ки мақсади асосии он таъмини ҳаёти озод, некуаҳвол ва фаровони халқи бисёрмиллатаи мо мебошад. Ин давлатест, ки ба таври қатъӣ мутобиқи меъёрҳои аз ҷониби умум дар соҳаи демократия, ҳуқуқ озодиҳои инсон эътирофшуда, ки ба принсипҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо ҷомеаи байналмилалӣ асос ёфтааст, рушд мекунад«.

Барои расидан ва татбиқи амалии ин ҳадафҳои бузург Президент вазоифи устуворро, ки ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро фарогир аст, пешниҳоди халқи кишвар намудааст. Татбиқи амалии вазифаҳои устувор аз шаҳрвандон таҷриба, донишу маърифат, омӯзиш ва ҷустуҷӯйи доимиро тақозо дорад.

Дар Ӯзбекистон муносибат ба ҷавонон ба сиёсати давлатӣ табдил ёфта, барои мақом ва мавқеи худро дар ҷомеа пайдо намудани онҳо ҳама гуна имконот муҳайё гардонида шудааст. Таълими босамар яке аз рукнҳои ҳаллу фасли ин мушкил мебошад. Аз ин рӯ, дар соҳоти таълиму тарбия, яъне оиди мактабу маориф зимни омӯзиши таҷрибаи давлатҳои мутараққӣ исловҳоти ояндасоз гузаронида мешаванд. Татбиқи амалии ин исловҳот ба рушди маънавияту маърифати ҷавонон кумак намуда, ба дарки асос ва моҳияти ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа имкон медиҳад. Ин раванд аз омӯзгор низ таҷрибаву дониши ғаниро тақозо дорад. Ҳар як омӯзгор бояд аз ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа огоҳ, ба таъбир, бо замон ҳамнафас бошад ва тавонад ин ҳамаро дар шуури шогирдон ҷо диҳад. Пас татбиқи амалии ин раванди ояндасоз аз кулли омӯзгорон омӯзиш, омӯзиш ва боз омӯзишро тақозо дорад. Дар акси ҳол ӯ симои омӯзгории худро гум мекунад. Абулқосими Фирдавсӣ фармудааст:

Замоне маёсой аз
омӯхтан,
Агар ҷон ҳамехоҳӣ
афрӯхтан.

Таъриҳи тараққиёти давлати рушдёфтаи дунё – ИМА далели боэътимод ва сабақест ибратпазир. Яке аз муҳимтарин омилҳои тараққиёти босуръати ин кишвар муҳоҷирати 25 миллион нафар олимон, коргарони соҳибҳунар ва соҳибкорони бомаърифати аврупоӣ буд, ки «онҳо дар амал мутахассисони баландмалака буданд». («Таъриҳи ҷаҳон», китоби таълимӣ барои донишомӯзони синфи 9, Т., 2019, саҳ. 48).

Албатта, имрӯз замон дигар асту вазъият дигар. Давлатҳои рушдёфта ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ сармоягузорӣ мекунанд. Чун дар ин мамолик қувваи кории арзон ва ашёи хоми истеҳсолӣ зиёд аст, аз ин ҷараён ҳар ду ҷониб манфиатдор мешаванд. Сармоягузор даромади изофӣ гирад, дар кишвар соҳибҳунарон бо кор ва маош таъмин ва буҷаи давлатӣ ғанӣ мегардад. Иқтисодиёти давлат рушд ёбад, вазъи иҷтимоии аҳолӣ беш аз пеш хубу беҳтар мегардад.

Сармоягузорони хориҷӣ на ҳар коргар – иҷоракорони пешомадаро бо кор таъмин менамояд. Байни корҷӯён рақобат авҷ мегирад. Аз 10-12 нафар толиби кор як-ду нафар довталаби фаъоли соҳибҳунари бомаърифат интихобан бо кор таъмин мегардад. Пас ҳар як ҷавон бояд пайваста дониш ва ҳунар омӯзад, маҳорати касбии худро сайқал диҳад. Ин гуна ҷавононро соҳибҳунару бомаърифатро ҳамеша ҷойи кор ва маоши хуб интизор аст...

Дар Ӯзбекистон ҷавонон қишри асосии аҳолиро ташкил медиҳанд. Барои рушду камоли онҳо дар кишвари мо ҳама гуна имконоти дониш ва касбу ҳунаромӯзӣ муҳайё гардидааст. Ҷавононро танҳо омӯзиши донишу касбу ҳунар ва такмили маҳорат зарур асту бас. Дар ин сурат ба муҳоҷирати меҳнатӣ зарурат намемонад.

Ӯзбакбойи РАҲМОН,
таъриҳнигор.

Туҳфаи Рамазон

АЛЛОМАЕ, КИ БУХОРОРО «ҚУББАТ-УЛ-ИСЛОМ» КАРДААСТ

Фиқҳшиноси номвари олами ислом

(Аввалаш дар шумораи гузашта).

Абуҳафси Кабир дар ҳузури мутасаввифи бузург, муҳаддис, фақеҳ ва авлиё Фузайл ибни Иёз, ки аз Вақеъ ибни Ҷарроҳ, Абуусома, Ҳошим ибни Башир, Ҷарир ибни Абдулҳамид ва аз дигар муҳаддису фақеҳҳо таълим гирифта буд, меъёрҳои ҳуқуқии Қуръонро бо ҳаёт пайвастааст. Дар ин давра дар ҳудуди хилофати араб халқҳои гуногун зиндагӣ мекарданд. Худ аз худ маълум аст, ки онҳоро дар як меъёри қонун нигоҳ доштан, яъне дар ҳама ҷо ҷорӣ кардани қонуни ягона имконнопазир буд. Намояндагони табақаҳо ва гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ кӯшиш мекарданд, ки бо эҷоди ҳадис манфиатҳои худро баён кунанд. Аз ин рӯ, Абуҳафси Кабир роҳи Абуҳанифаро пеш гирифта, меъёрҳои умумии шариатро таҳия менамояд, ки ба шароити маҳал мувофиқанд. Дар китоби «Таъриҳи Бухоро»-и муаррихи асри X Муҳаммад Наршахӣ гуфта мешавад, ки Имом Абуҳафси Кабир аз фақеҳи замони худ, зоҳид ва ҳам донишманд будааст. Бо ташаббуси Абуҳафси Кабир ва писараш Абуҳафси Сағир дар Бухоро ва Мовароуннаҳр ба мактаби фиқҳи исломии маҳаллӣ бар пояи таълимоти мазҳаби ҳанафӣ асос гузошта мешавад.

Қонунҳои мазҳаби ҳанафия, ки онро Имом Абуҳанифа (679-767) асос гузошта, ба мазҳаби суннӣ тааллуқ дорад, нисбатан сабук ва муътадил буда, бо сабаби ба инобат гирифтани расму оинҳои миллии халқҳо дар ҷаҳон васеъ паҳн гардидааст. Қариб нисфи мусалмонони ҷаҳон ба ин мазҳаб тааллуқ доранд. Мусалмонони минтақаи мо аз асри XIV ба мазҳаби ҳанафия эътиқод доштанд.

Абуҳафси Кабир асосгузори на танҳо илми фиқҳ, балки мактаби каломи Бухоро (фалсафаи исломӣ, илоҳиёт) дар Мовароуннаҳр аст. Имконият ва нуфузи ӯ дар олами ислом, бахусус Бухоро ва Мовароуннаҳр, бемисл аст. Абуҳафси Кабир дар Бухоро чандин масҷиду мадраса бунёд карда, ба толибилмон аз фиқҳу ҳадис, тасаввуф ва ақида дарс медод ва ба саволу мушкилоти мухталифе, ки мардум дошт, посух мегуфт.

Абуҳафси Кабир аввалин шахсе буд, ки таълимоти мазҳаби ҳанафияро ба Мовароуннаҳр овард. Чуноне ки таъриҳнигорон таъкид мекунанд, Абуҳафси Кабир шахсест, ки боиси густариши илм ва эҳтиромии имому уламо дар Бухоро шудааст. Абдулкарим-ас-Самъонӣ мегӯяд, ки Абуҳафс фақеҳҳои зиёдеро тарбия карда, онҳоро ба камол расонидааст.

Абуҳафси Кабир дар густариши мазҳаби фиқҳи ҳанафӣ дар Мовароуннаҳр фаъол буд ва хонаводаи ӯ, бахусус писараш, фақеҳ Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад-ал-Фақиҳ низ дар ин замина саҳми бузург доштааст. Барои ҳамин ӯро Абуҳафси Сағир, яъне Абуҳафси хурд мегуфтанд.

Шуҳрати Абуҳафси Кабир дар саросари Бухоро ва зиёда аз он, дар тамоми олами ислом паҳн шуд. Ҳатто агар олимони олами араб дар ёфтани ҷавоби масъалае душворӣ кашанд, ба назди Абуҳафси Кабир ба Бухоро шахсеро мефиристоданд ва роҳи ҳалли он масъаларо меёфтанд. Ба шарофати Абуҳафси Кабир илми фиқҳ дар Бухоро то дараҷае рушд кард, ки фақеҳони Бухоро бартар аз фақеҳони Бағдод шуданд, ки маркази асосии ҷаҳони ислом буд. Наршахӣ мегӯяд, ки мардум ҳангоми бозгашт аз Бағдод ба назди Имом Абуҳафси Кабири Бухорӣ меомаданд. Имом Абуҳафси Кабир дар ҳайрат аз онҳо мепурсид: Чаро аз олимони Ироқ напурсидед? Дар ҷавоби ӯ: Аз онҳо пурсидем, вале онҳо ҷавоб дода натавонистанд ва «Ба Бухоро равед ва аз имом Абуҳафси Кабир ё писараш Абуҳафси Сағир пурсед», – мегуфтанд. Фақеҳҳои Бухоро бо сарвараи Абуҳафси Кабир ҳамчун соҳиби донишу амиқи фиқҳ ва қувваи ҳофизаи қавӣ тавсиф шудаанд.

Донишмандони он замон ба дониши Абуҳафси Кабир баҳои баланд дода, ӯро «Муаллими ислом», яъне устоди ислом номидаанд, ба шарафи ӯ Бухороро «Қуббат-ул-ислом», яъне «Гунбади ислом» ва дарвозаи маҳале, ки ӯ зиндагӣ мекард, «Роҳи ҳақ» номидаанд.

Ба шарофати Абуҳафси Кабир, мазҳаби ҳанафия (ақидаи суннӣ) ба зудӣ дар саросари Осиёи Марказӣ ва ҳамчунин дар Мовароуннаҳру Хуросон паҳн шуд. Аксарияти мардум ба ин мазҳаб майл доштанд. Дар Бухоро алломаҳои мазҳаби ҳанафӣ зиёд шуданд ва роҳбари онҳо шогирди Абуҳанифа, шогирди Ҳасан аш-Шайбонӣ – Абуҳафси Кабири Бухорӣ буд. Абуҳафс ҳазорон шогирд дошт. Ҳорис ибни Абул Вафо-ал-Бухорӣ, Ҳотам ибни Наср ибни Молик-ал-Ғиждувонӣ, Абулайс Абдуллоҳ ибни Сурайҷ ибни Ҳаҷар-ал-Ҳофизи Бухорӣ (соли вафоташ тахминан – 871), Шайх Муҳаммад ибни Абурачо-ал-Бухорӣ ва писари ӯ Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Ҳафс-аз-Зибарқон (соли вафоташ – 877) аз ҷумлаи онҳост. Фақат як нафар аз шогирдони Абуҳафси Кабирро ёдовар шудан кифоя аст, ки ҷаҳониён эътироф кардаанд. Ин султони муҳаддисон – Имом-ал-Бухорӣ аст.

Худованд ба Имом Бухорӣ ақли тез, ҳофизаи қавӣ ва қобилияти бетакрор ато кардааст. Нишонаи ин неъматҳои илоҳӣ аз ҷавониаш намоён буд. Ба ин чунин далел шаҳодат медиҳад, ки кӯдаки ёздаҳсола хатоҳои муаллими худ Ад-Дохилиро ислоҳ кардааст.

Абуҳафс дар дарсҳонаи падараш китоби «Ҷомеъ»-и Суфёнро аз Аҳмад ибни Ҳафс мешунавид. Абуҳафси Кабир дар як ҳарф хато карду ӯ ислоҳ намуд. Бори дуюм хато кард, боз баргардонд. Бори сеюм хато кард, боз баргардонд. Вай муддате хомӯш монд:

– Ин кист? – гуфт ӯ.

– Муҳаммад ибни Исмоил ибни Иброҳим ибни Бардизба, – гуфтанд.

– Гуфтааш дуруст аст. Дар хотир доред! Албатта, рӯзе одами бузург мешавад, – гуфт Абуҳафс.

Имом Бухорӣ ба хонаводаи Абуҳафс бо эҳтироми зиёд муносибат мекард. Имом Бухорӣ аввал шогирди Абуҳафси Кабир шуд. Бо писари аллома – Абуҳафси Сағир дар ҷустуҷӯи илми ҳадис якҷоя сафар мекунад. Сипас, Абуҳафси Сағир ба Бухоро бармегардад. Имом Бухорӣ дар талаби илми ҳадис сафарашро идома медиҳад, то Худованд ба ӯ дараҷаҳои бузург ато кунад, то ба лутфи Аллоҳ бирасад.

Ривоят мекунанд, ки чашмони Имом Бухорӣ дар кӯдакӣ оҷиз буд, модараш фарзандашро назди Абуҳафси Кабир овард ва аз ӯ хост, то дуо кунад. Пас аллома шарт гузошт: «Ман дуо мекунам, аммо як шарт дорам. Пас аз он ки чашмони фарзандат равшан мешавад, дуо мегӯй, ки писарамро ба роҳи Худо додам». Модар ба ин шарт розӣ шуд. Дуои Абуҳафси Кабир мустаҷоб шуд ва чашмони Муҳаммад шифо ёфт. Яке аз кароматҳои аллома ин буд, ки дар оянда донишманди бузург шудани ҳазрати Муҳаммад (Имом Бухорӣ)-ро пешгӯӣ кардааст ва ба ӯ муддате таълим додааст.

(Давом дорад).

Абдулғафур Раззоқи БУХОРӢ,
мударриси мадрасаи Мири Араби Бухоро.

Комилҷон РАҲИМОВ,
ходими калони илмии Институти шарқшиносии ба номи Абӯрайҳони Берунӣ, доктори улуми таърих.

«ХУШ ОМАДЕД, БА ТОҶИКИСТОН!»

Наврӯзи оламафрӯз нафақат дар шаҳру деҳоту маҳаллаҳо, балки дар тамоми муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ низ васеъ таҷлил мегардад.

Дар мактаби миёнаи рақами 71-уми ноҳияи Мирзо Улуғбеки пойтахт бошад, ба муносибати ин ҷашн баргузор намудани ҷашнвораи «Дӯстии халҳо» ба ҳукми анъана даромадааст.

– Дар мамлакати мо имрӯз беш аз сад намояндагони миллат ва халқият умр ба сар мебаранд, — гуфт директори мактаб Саодат Куҷонова. – Дар доираи ҷашнвора хостем, тавассути намоишҳои саҳнавиву лавҳаҳо аз урфу одат ва анъанаҳои халқиятҳо дар қалби ҳар як хонанда таҳаммулпазириву эҳтиром ба ҳамдигар, ки аз фазилатҳои неки инсонӣ ба шумор меравад, бедор намоем. Ҷамоаи мактаб ба ин муносибат омодагии алоҳида дид.

Хонандагон ҳар як кунҷи даромадгоҳи мактабро бо намунаҳои ашёву хӯрокворихои хоси миллатҳо оростанд. Аз як сӯ фламинкои испанӣ танин андозад, дар сӯйи дигар кимонои ҷопонӣ бабаркардаи хонандагони синфҳои болоӣ атрофиёнро ба чашидан аз таомҳои ҷопонӣ таклиф мекарданд.

Ҳар як синф аз рӯйи хоҳиш миллатеро интихоб намуда, бо сарвари роҳбари синф таҳрих, фарҳанг, урфу одат ва тарзи либоспӯшиву ошхонаи миллати интихобнамудааш онро омӯхтанд. Аз ҷумла, синфи 6 «Б» бо роҳбари синфашон Лилия Мӯсоева Тоҷикистони ҳамсояву дӯстро интихоб намуданд. Рақси гулдухтарони синф дар суруди «Нозноз» ба иштирокдорон таассуроти хуб гузошт. Онҳо меҳмононро ба дасторхони пурнозу неъмат, ки аз он оши палав, самбӯсаи алафин ва суманак ҷой гирифта буд, бо суханони «Хуш омадед, ба Тоҷикистон!» даъват мекарданд.

— Маданият ва урфу одати халҳои тоҷику ӯзбек бо риштаҳои ногусастанӣ пайваст аст, — мегӯяд роҳбари синф Л. Мӯсоева. – Ачдоди мо гуфтаанд, ки Наврӯзро чӣ қадар бо хушӣ, орзуву омоли нек пешвоз гирем, он сол табиат низ барои одамон саховатноктар мешавад.

Назокат ҲАМРОҚУЛОВА.

НАВРӮЗ, БИЁ, КИ ҲАМА ПАЗМОНИ ТУЕМ...

Пою қадами Наврӯзи хуҷастафол ба ҷисми табиат, ки чанде муқаддам сармоҳои сахту шадидро паси сар менамуд, дубора ҷон ато кард. Ҳоло ҳама ҷо сабзу хуррам ва зебост. Беҳуда Наврӯзро ҷашни омад-омади баҳор, иди Замин ва бедории зебоиҳои ҳаёт наменоманд. Ин ҷашни фархундапай ва оламафрӯз аз давраҳои қадим то имрӯз дар дилу дидаҳои мардуми мо маъво гирифтаву ба зиндагии мудавом дилгарму раҳнамун месозад.

Дар ҳар кунҷу канори шукуфон ва гулбасари Ӯзбекистон мардум бо садоқат ба маросимҳои суннатии худ, дубора ба таҷлили ҷашни Наврӯз тараддуд мебинанд. Онҳо талош намуданд, ки ин ҷашни ниёконӣ ва қадима аз ҳарсола дида бошукӯҳ ва ҳашомати бештар баргузор шавад. Мардуми рустоҳои кӯҳистон тибқи расму ойини худ ба ин ҷашн омода мешаванд. Ба таври мисол сокинони шаҳраку рустоҳои ноҳияи Сӯх кайҳо аз роҳи ҳашари умумӣ ба тоза кардани ҷӯйбор, ба тартиб овардани дару девор, ҳамвор намудани роҳ ва шинонидани ниҳолҳои манзаравиву мевадиҳанда машғуланд.

Дар ин минтақаи ҷумҳурӣ баҳор нисбат ба минтақаҳои дигар дертар фаро мерасид. Аммо имсол ин тавр нест. Ҳарчанд дар қуллаҳои баланди кӯҳи атроф ҳанӯз барф боқӣ мондааст, вале дар пастиву ҳамвориҳои он баҳор фаро расидааст.

– Ҳар як роҳбари сектор вазифадор шудааст, ки дар ҳудуди худ аз роҳи ҳашар корҳои ободонӣ, тоза кардани ҷӯйборҳои хурду бузург ва сафед кардани бехи ниҳолҳоро ҳарчи зуд анҷом диҳад. Маълум аст, ки ноҳияи Сӯх он ноҳияи ҳатто се-чаҳор сол пешина нест. Балки тамоми роҳҳои байни деҳаҳо, кӯчаҳои дохилӣ мумфарш ё симонфарш шудааанд, – мегӯяд ҳокими ноҳия Сайидбаҳром Сайидмӯсоев.

Маълум шуд, ки дар маҳаллаҳои поён ва болои деҳаи Шарқобод низ ҳашари умумӣ бо сурати баланд идома дорад. Он таҳти роҳбарии сардори идораи корҳои дохилии ноҳия Қосимҷон Раҳимбердиев ба роҳ монда шудааст.

– Корҳои мустаҳкамкунӣ ва соҳилбандии баъзе қисматҳои канали деҳа, ки оби он аз дарёи пурталотуми Сӯх маншаъ мегирад, дар арафаи анҷомёбист. Тавассути оби ин канал садҳо гектар кишт-зорҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ ва хусусии ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Шарқобод, инчунин майдонҳои таҳти кишти қирғизҳои ҳамсоякишвар обёрӣ мегарданд. Зарурат пеш омад, ки барои тоза кардани регу шағалҳои умқи канал ғайр аз қувваи кории мардум, аз ҳидмати техника низ истифода барем, – мегӯяд Раҳимбердиев.

Дар ҳашари имсола аз ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Шарқобод тақрибан 250 нафар ба поккории кӯчаву роҳҳо, ниҳолшинонӣ, сафед кардани танаи дарахтони сояафкану мевадиҳанда ва ба тартиб овардани дару деворҳои самти кӯчаҳо машғуланд.

Ба гуфтаи раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Ҳазрати Алӣ Субҳоналӣ Нишонов ҳамасола, бо фаро расидани баҳор, сокинони маҳаллаи ӯ ташаббус зоҳир мекунанд, ки корҳои ба нақша гирифтаро аз маҳаллаҳои дигар пештар ба фарҷом расонанд.

– Соли равон мо бо маблағи буҷа ва ҳомиёнамон чанд кори нақибро ба анҷом расонидем. Яке аз ин корҳо ободу зебо гардонидани қабристони деҳа мебошад. Ҳама медонад, ки хонаи охирати ҳар бошандаи маҳалла ҳамон ҷост. Барои ҳамин чун ҳарвақта бидуни даъватҳои иловагӣ мардуми зиёд дар ободонии он ширкат намуданд, – гуфт Нишонов.

Вай афзуд, ки дар ҳадиси паямбари ислом низ омадааст: «Ҳар кӣ ҳар чӣ мекунад, барои худ мекунад». Ба таъкиди раиси маҳаллаи Ҳазрати Алӣ оби канале, ки аз маҳаллаи онҳо ҷорӣ мешавад, заминҳои наздиҳавлигии сокинони чанд маҳаллаи ноҳияро бо об таъмин мекунад. Дар маъракаи ҳашари умумӣ касе дар канор намонд ва аз маҳаллаҳои ҳамсоя низ дар тозакунии он фаъолона ширкат карданд.

Бояд гуфт, ки Субҳоналӣ Нишонов яке аз раисони пешқадами ноҳия муаррифӣ шудааст. Субҳоналӣ ба сифати депутати шӯрои ноҳия низ дар қатори пешсафон мавқеъ ишғол кардааст. Бо вай дар як саф Амиралӣ Сафаров, Камолиддин Азизов, Ҳамроалӣ Ҳайдаров ва Қодирбек Амирбеков барин депутатҳо дар ҳаллу фасли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодии мардум саҳми калон мегузоранд.

– Дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи мо ба корҳои ободонӣ, поккории ҷӯйборҳо ва сафед кардани бехи дарахтон асосан мардҳо ҷалб шудаанд. Занону духтарон гурӯҳ-гурӯҳ дар тараддуди пухтани суманаки идона мебошанд. Наваруҳсон дастурхони идона густурда, дугонаҳо ва хешу ақраборо бо анвои гуногун зиёфат карданд, – мегӯяд раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Гулистон Исоҷон Кабиров.

Ҳамин тавр, дар саросари ноҳияи дурдаст мардум дастаҷамъона Наврӯзи оламафрӯзро пешвоз гирифтанд. Ҷашни Наврӯз дар таҳкими сулҳу субот ва осоиштагӣ, дӯстӣ ва бародарӣ, изҳори меҳру муҳаббат ва вахдати ҷомеа нақши муҳим мебозад. Ин идест, ки аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун ҷашни байналмилалӣ эътироф шудааст. Онро ҳамчун оғози баҳор, бедории табиат, навсозиҳо ва ба таври шоиста ҷашн мегирем.

– Қарори Президент «Дар бораи омодагӣ ва баргузор намудани ҷашни байналмилалии Наврӯзи соли 2023» сардафтари кори мо мебошад. Дар 28 ҷамоати шаҳрвандон ба истиқболи Наврӯз доираи корҳои омодагирӣ беш аз пеш вусъат дошт ва ҳамаи корҳо бо суръат идома доранд, – мегӯяд ҳокими ноҳия Сайидбаҳром Сайидмӯсоев.

Вай афзуд, ки имсол дар арафаи иди Наврӯз кормандони идораҳои давлатии ноҳия ба марафони 5 ҳазорметрӣ ҷалб карда шуданд ва он хеле шавқовар гузашт. Ҳамаи ин корҳо шаҳодат бар онанд, ки иди Наврӯзро мардуми ноҳияи мо дар савияи баланд ва фазои шодиву нишот истиқбол намуданд.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири «Овози тоҷик».
Ноҳияи Сӯхи
вилояти ФАРҒОНА.

ГИРДИҲАМОЙ БАҲРИ МУСТАҲКАМ НАМУДАНИ ДӮСТИВУ КУШОДАДИЛИСТ

Яке аз самтҳои сиёсати миллии давлат мустаҳкам намудани муносибати халқияту миллатҳо ва барои рушду ривоҷи онҳо шароит ва имкониятҳоро фароҳам овардан ба шумор меравад.

Яке аз ташкилотҳое, ки сиёсати миллиро бевосита ба ҳаёт татбиқ менамояд, Кумитаи оид ба муносибатҳои байнимиллӣ ва алоқаҳои дӯстона бо мамлакатҳои хориҷии назди Вазорати фарҳанг ва сайёҳӣ мебошад.

Чанде пеш дар Агентии ахбор ва коммуникатсияҳои оммавии ҷумҳурӣ оиди корҳое, ки кумита дар соли 2022 самаранок ба анҷом расондааст, бахшида ба ҳамин мавзӯъ нишасти матбуотӣ баргузор шуд.

– Имрӯз кумита бо 152 маркази миллӣ-фарҳангӣ, 38 ҷамъияти дӯстӣ ва 38 ҷамъияти ҳамватанони хориҷӣ ҳамкориро ба роҳ монда, баҳри ҳифзи таъриҳ, фарҳанг, арзишҳои миллӣ, урфу одат ва дар ин замина барои мустаҳкам намудани дӯстиву кушодадилии миллатҳо ҳиссаи худро мегузорад. Кумита дар асоси механизми «дипломатияи халқӣ» корбарӣ намуда, баҳри ҳифзи ҳаёти осудаву фаровон, рушди муносибатҳои дӯстона ва алоқаҳои маданиву маърифатӣ бо мамлакатҳои хориҷӣ як қатор корҳоро ба иҷро расонд, – гуфт ҷонишини раиси кумита Азамат Тошев. – Аз ҷумла, соли гузашта лоиҳаи 14 ҳуҷҷати консептуалӣ тайёр карда шуд. Бахусус, лоиҳаи 1 қонун, 1 фармон ва қарори Президент, 11 фармону қарори ҳукумат таҳия шуд. 30 июли соли гузашта Рӯзи дӯстии халҳо ба таври васеъ ҷашн гирифта шуд. Ба ин муносибат 30 нафар намояндагони миллатҳои мухталиф бо мукофотҳои давлатӣ, 283 нафар ҳамватанон ва ҳамкорони хориҷӣ, 39 нафар ҳамватанони фаъол бо нишони сарисинагии «Дӯстии халҳо» тақдиронида шуданд.

Мушовири раиси кумита Зафар Аҳмедов доир ба беш аз пеш мустаҳкам намудани муносибатҳои байни мамлакатҳои хориҷӣ ва корҳое, ки дар ин самт иҷро шудааанд, ҳарф зад. Аз ҷумла, таъкид намуд, ки дар соли гузашта бо ташкилотҳои ҳамкори хориҷӣ наздик ба 100 ҷорабинӣ баргузор шуд. Дар 14 конференсияи байналхалқӣ, 8 симпозиум, 15 семинар иштирок намуданд. Кумита таҳти шиори «Дар оилаи ягона» бо намояндагони миллатҳои мухталифи ҷумҳурӣ, бо ҳамкории марказҳои миллӣ-мадании шаҳру вилоятҳо ҷамъ 8177 ҷорабинӣ, анҷуман, суҳбати мизи мудаввар, пресс-турҳо баргузор намуд. Инчунин таъкид гардид, ки ҳамаи ин гирдиҳамоиҳо баҳри мустаҳкам намудани дӯстӣ, ҳамҷиҳатӣ ва кушодадилии миллатҳо нигаронида шудааст. Гуфта шуд, ки дар ин тадбирҳои дӯстӣ ҳиссаи марказҳои миллӣ-фарҳангии тоҷикон, қазоқон, туркман, қароқалпоқ ва дигарон калон аст.

С. БЕКНАЗАРОВА,
хабарнигори
«Овози тоҷик».

Тансиҳатии мардум натанҳо ба сатҳи баланди хидматрасонии тиббӣ ва фаъолияти муназзами муассисаҳои соҳаи тандурустӣ вобаста аст, балки ба тараққии соҳаи варзиш низ алоқаи ногусастанӣ дорад.

САФИ ФУТБОЛБОЗОН МЕАФЗОЯД

Ин аст, ки ҳукумати ҷумҳурӣ барои беҳдошти сиҳатии мардум тарҳҳои мухталиферо роҳандозӣ мекунад ва дар робита ба тараққӣ додани намудҳои гуногуни варзиш чораҳои муассир меандешад.

Бояд гуфт, ки 30-юми октябри соли 2022 Президент фармонеро «Дар бораи татбиқи васеи чораҳои тарзи ҳаёти солим ва ривоҷ додани соҳаи варзиш» ба имзо расонида буд.

Боиси таҳсин аст, ки аз ҷониби муассисаҳои дахлдор корҳо баҳри ба амал татбиқ гардидани фармони мазкур дар шаҳру навоҳии вилояти Қашқадарё хеле хуб ба роҳ монда шудааст. Ҳоло дар қаламрави вилоят барои «Ҷоми ҳокими вилоят» байни хонандагони синфҳои 9 то 11-и дабистонҳо аз рӯйи футбол сабқати шавқоваре баргузор мегардад. Аз ҷумла, дар чорчӯби иҷро намудани фармони мазкур дар ноҳияи Ғузор низ мусобиқаҳои хотирмони футбол доир мешаванд. Дар ноҳия 81 мактаби таҳсилоти умумӣ мавҷуд буда, аз ҳар кадоми онҳо тимҳои алоҳидае ташкил шуда, байни худ вориди сабқат мегарданд.

Ноҳия ба чор сектор ҷудо шуда, дар ҳар кадоме аз секторҳо мусобиқаи футбол дар алоҳидагӣ баргузор мешавад. Дар минтақаи сектори дуюм байни дастаҳои хонандагони 28 мактаб бозии футбол доир гардид. Ин сабқат дар варзишгоҳи мактаби спорти Ғузор баргузор гашта, беш аз 400 футболбозро фаро гирифт. Интизор меравад, ки дар сабқати футболбозони дастаи омодаанамудаи мактабҳои Ғузор беш аз 1000 нафар варзишгар иштирок кунад. Пас аз интихоби ниҳоӣ тимҳои ғолиб ба зинаи вилоятии сабқат роҳхат хоҳанд гирифт. Мусобиқаҳо барои дарёфти «Ҷоми ҳокими вилоят» то моҳи майи соли ҷорӣ идома хоҳанд кард.

Шариф ХАЛИЛ,
хабарнигори
«Овози тоҷик»
дар вилояти Қашқадарё.

ФЕСТИВАЛИ «ПАЗАНДАИ МОҲИР»

Дар ҳудуди маҷмӯи «Шаҳристон»-и шаҳри Бухоро бахшида ба айёми Наврӯз фестивали «Пазандаи моҳир» баргузор гардид.

Ин тадбир, ки бо ташаббуси садорати оила ва занону духтарони вилоят якҷоя бо садорату ташкилотҳои дигар роҳандозӣ гардид, бо мақсади аз нав барқарор намудани хӯрокҳои серғизои миллии дар вартаи фаромӯшӣ афтидаистода ва ба бонувони ҷавон омӯхтани ин гуна таомҳо сурат гирифт. Ба ҷашнвора аз ҳар як шаҳру ноҳия қариб сад нафар пазандагони моҳир, бо таомҳои баҳорию қандалоту ширинихои худ, инчунин сокинон ва меҳмонони шаҳри кӯҳна ташриф оварданд. Ин ҷо барои занон ва духтароне, ки соҳибкориро пеша кардан мехоҳанд, чун мактаби маҳоратомӯзӣ аҳамият дошт.

Дар ҷашнвораи гастрономӣ маҳсулоти тайёркардаи Гулсара Йӯлдошеваи вобкандӣ, Шоиста Турсуноваи пешкӯӣ, Нодира Аҳмедова, Ҳурмат Рачабова, Дилшода Ашуроваи рометанӣ, Гулноз Раҳимоваи шофирконӣ, Дилфуза Шодиеваи когонӣ ва дигарон аз ҷониби мутахассисону иштирокнандагони тадбир баҳои баланд гирифт. Барномаи дилкаши консертӣ ҷозибаи фестивалро афзуд.

Амрулло АВЕЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик»
дар вилояти Бухоро.

ДОНИШГОҲАМ, АЗ ТУ МАН ҚАДР ЁФТАМ!

Маърифат, илму дониш равшангари ҳаёти ҷомеа аст. Пас ҳар кас метавонад бо илму дониши худ ҳалли ҳар гуна мушкилотро дарёбад. Шоири ширинкалом Камолиддин Биноӣ беҳуда нагуфтааст:

Зи дониш шавад кори гетӣ ба соз,
Зи бедонишӣ кор гардад дароз.

Ман баъди хатми мактаби миёна орзуи ба донишгоҳ дохил шуданро доштам. Ҳуҷҷатҳоямро ба бахши тоҷикии панҷ донишгоҳи ҷумҳуриамон супоридам. Вақте ки натиҷаи имтиҳонҳо баромад, ман донистам, ки ба Донишгоҳи давлатии Тирмизшаҳр ба тариқи гранти давлатӣ дохил шудаам. Дар аввал андаке дудила шудам. Чунки дар дигар вилоят таҳсил кардан (ман худ зодаи деҳаи Порашти ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах ҳастам), дур аз падару модар ба назарам хеле душвор менамуд.

Аммо вақте ки ба донишгоҳ омадам, тамоман фикри ман дигар шуд. Ин донишгоҳи бузург дар маркази шаҳри Тирмиз ҷой гирифта буд. Он аз соли 1955 фаъолияти худро оғоз намудааст. Дар он 14-то факулта мавҷуд буда, ба толибилмон зиёда аз 700 нафар профессору номзадҳои илм ва дигар устодон таълиму тадрис мегӯянд. Ректори донишгоҳ Авазҷон Мараҳимов, декани факулта Поён Бакиров ва мудири кафедраамон Рамазон Абдуллоев мебошанд.

Дар ин донишгоҳ таҳсил гирифтани ҳар як толибилм бахти бузурги ӯст. Ҳар сол ҳазорҳо довталабон ба он қабул карда мешаванд. Ман ҳам аз қатори он донишҷӯёни хушбахтам, ки имрӯз дар курси дуюми гурӯҳи тоҷикии факултети филологияи рус ва забонҳои Шарқ таҳсил мекунам.

Барои ҳар як факултет бинои алоҳида мавҷуд буда, ҳама шароит фароҳам оварда шудааст. Ба мо бештар устодони кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои Шарқ, ки аз 15-сентябри соли 2006 ба сифати кафедраи забон ва адабиёти тоҷик фаъолияти худро пеш мебарад, дарс медиҳанд. Шароити хонаҳое, ки мо таҳсил мекунем, барои дарс хеле хуб аст. Аз ҷумла, дар ҳар як хона телевизор, компутер мавҷуд ва аз тарафи устодон дарсҳо бо метод, слайд, видео гузаронида мешавад. Бо роҳбарии мудири кафедраамон, номзади фанҳои филологӣ, дотсент Рамазон Абдуллоев кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои Шарқ ва Маркази миллии тоҷикони Сурхондарё чандин сол боз фаъолият дорад. Ҳоло дар кафедра 2 нафар дотсент, 2 нафар номзади илм ва 4 нафар муаллим машғули таълиму тадриси мо – ҷавонон ҳастанд. Устодони кафедраамон, ки ба мо таҳсил медиҳанд, устодони боилму бомаҳорат мебошанд. Аз тарафи дотсент ва устодон то имрӯз 6 монография, 15 рисолаи илмӣ, 4 китоби дарсӣ, 12 таҳия ва тарҷимаи китобу мақолаҳо, 5 маҷмӯаи шеър, зиёда аз 450 мақолаи илмиву оммавӣ табъу нашр шудааанд. Дар донишгоҳ зуд-зуд чорабиниҳои хотирмон гузаронида мешавад. Барои вақти холии ҷавононро пурмазмун гузаронидан дар байни донишҷӯён маҳфили адабии «Равзанаи маърифат», бозиҳои заковат ва дигар озмунҳо низ ташкил карда шудааст. Барои ҳар яки мо, ки аз вилоятҳои гуногун ҳастем, аз тарафи донишгоҳ хобгоҳ ҷудо гардидааст. Дар ҳудуди донишгоҳ 6 хобгоҳ мавҷуд буда, дар онҳо барои зистан ҳама шароит муҳайё мебошад. Боз дар паҳлӯи роҳи калони донишгоҳ бинои ҳаштошёнаи факултаи «Технологияи ахбор» сохта шуд, ки аз моҳи сентябри соли 2022 фаъолияти худро оғоз кард.

Ман аз устодони Донишгоҳи давлатии Тирмиз хеле мамнунам ва ба онҳо миннатдории худро баён мекунам. Устодони кафедра ҳамеша ба мо ғамхориву кумак мекунанд. Меҳнату дониши моро одилона баҳогузорӣ менамоянд. Фикр мекунам, ки дӯстонам ҳам бар ин ақида ҳастанд. Ман дар ин ҷо худамро танҳо ҳис намекунам. Баъди хатми донишгоҳ низ хоҳони онам, ки Донишгоҳи давлатии Тирмиз аз ин ҳам ободтару зеботар шаваду устодони пурмеҳри мо ҳамеша сиҳату саломат ва комёб бошанд.

Муаттар АБДУЕВА,
донишҷӯйи соли дувуми шуъбаи тоҷикии
Донишгоҳи давлатии Тирмиз.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-325. Адади нашр 4618 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: Т. Тӯхтаев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 21.40

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.